ҚАҲҲОРОВ Д.Ғ.

# ҚОНУНҲОИ ҲАММУРАПӢ

Душанбе
2013

**<u>Қаҳҳоров Д.А.</u>** Қонунҳои Ҳаммурапӣ. – Душанбе, 2013. – 91 саҳ.

**Китоби «Қонунҳои Ҳаммурапӣ» фарогирандаи ҷабҳаҳои гуногуни таърихӣ–ҳуқуқӣ давраҳои ҳукмронии Шоҳ Ҳаммурапӣ мебошанд. Яке аз қадимтарин ва маъмултарин сарчашмаҳо дар таърихи башарияти ҳуқуқ ин Қонунҳои Ҳаммурапӣ ба ҳисоб меравaнд. Қонунҳои Ҳаммурапӣ дар ба танзим даровардани муносибатҳои ҳуқуқии он замон нақши бунёдие гузоштааст.**

Барои омӯзгорон, унвонҷӯён, аспирантон ва донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии мактабҳои олӣ тавсия карда мешавад.

**© Қаҳҳоров Д.Ғ., 2012 с.**

# МУНДАРИЧА

**Муқаддима……………………………………………………………4**

**БОБИ 1. ҚОНУНҲОИ ҲАММУРАПӢ ҲАМЧУН КОДЕКСИ ДАВЛАТИ БОБУЛИСТОН……………………………………5-19**

**§ 1.1. Пайдоиш ва ташаккулёбии давлати Бобулистон ……………...5-11**

**§ 1.2. Маълумоти умумӣ дар бораи Қонунҳои Ҳаммурапӣ………...11-16**

**§ 1.3. Вазъи хуқуқии аҳолии Бобулистон тибқи Қонунҳои Ҳаммурапӣ…………………………………………………………...16-19**

**БОБИ 2. СОҲАҲОИ ҲУҚУҚ ТИБҚИ ҚОНУНҲОИ ҲАММУРАПӢ ДАР ДАВЛАТИ БОБУЛИСТОН…………20-50**

**§ 2.1. Ҳуқуқи граждани ……………………………………………...20-25**

**§ 2.2. Ҳуқуқи оилавӣ ………………………………………………...26-32**

**§ 2.3. Ҳуқуқи меҳнатӣ ………………………………………………33-34**

**§ 2.4. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ………………………………………………35-51**

**Хулоса…………………………………………………………………52-53**

**Матни Қонунҳои Ҳаммурапӣ ……………………………………54-87**

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда……………………………...88-89**

# Муқаддима

Ҳуқуқҳои инсон яке аз арзишҳои муҳимтарини тамаддуни ҷаҳонист. Эътироф ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ҳанӯз аз давраҳои қадим мавҷуд буд, ки онҳо хислати таълиму тарбиявӣ доштанд. Нақш ва мақоми шахсони сиёсатмадорон, олимон, шоирон, нависандагон дар ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон аҳамияти барҷастаро ишғол намудаанд, ки тавассути панду насиҳатҳои ва дастуру фармонҳои эшон ҳифз карда мешуданд. Ва маҳз ҳамин гуна муносибат дар яке аз давлатҳои қадимаи Шарқ – Бобулистон  ба назар мерасид.

Инсоният дар ҳама давру замон барои зинда мондани худ мубориза бурдааст. Воқеияти таърих аз он шаҳодат медиҳад, ки инсон ҳанӯз аз давраи шинохтани ҳуқуқҳои худ мубориза бурдааст. Ҳуқуқҳои онҳо на ба таври расмӣ, яъне на бо қабули санад, балки бо роҳи худмуҳофизати амали карда мешуданд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки яке аз санадҳои муҳимтарине, ки ба таври расмӣ ҳуқуқҳои инсонро ҳифз мекарданд ин Қонунҳои Ҳаммурапӣ буданд, ки дар давраи ҳукмронии Шоҳ Ҳаммурапӣ дар Бобулистон қабул гардидааст. Қонунҳои Ҳаммурапӣ то қадри имкон қариб, ки тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро дар давлати Бобулистон ба танзим медаровард. Бештари моддаҳои Қонунҳои Ҳаммурапӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон равона карда шуда буданд. Новобаста аз он, ки меъёрҳои Қонунҳои Ҳаммурапӣ таърихан қадима шуда бошанд ҳам, лекин мазмунан то ба имрӯз дар инкишоф ва батанзимдарории муносибатҳои ҳуқуқию сиёсии баъзе давлатҳо заминаи ҳуқуқӣ гузоштааст. Баъзе давлатҳоеро дар таърих вохурдан мумкин аст, ки бо мақсади аз байн нарафтанашон аз ин санади муҳими сиёсӣ – ҳуқуқӣ истифода намуданд. Сиёсати давлатдории Бобулистон ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии он маҳз тавассути меъёрҳои Қонунҳои Ҳаммурапӣ ба роҳ монда шуда буданд.

# *БОБИ 1*
# *ҚОНУНҲОИ ҲАММУРАПӢ ҲАМЧУН КОДЕКСИ ДАВЛАТИ БОБУЛИСТОН*

## *§ 1.1 Пайдоиш ва ташаккулёбии давлати Бобулистон*

Воқеияти таърихӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки замоне буд, ки дар олам давлат вуҷуд надошт. Вай дар марҳилаи муайяни тараққиёти ҷамъият ба вуҷуд омад. То замони пайдо шудани давлат сохти ҷамъияти ибтидоӣ вуҷуд дошт. Таърих гувоҳ аст, ки нахустин давлатҳо аввал дар Шарқ пайдо шудаанд. Давлатҳои нахустин дар шакли *шаҳр – давлатҳо* арзи ҳасти намудаанд. Дар онҳо табақаҳои нави иҷтимоӣ, ба монанди зироатпарварон, ҳунармандон, рӯҳониён ва идоракунандагон ҳаёт ба сар мебурданд. Шаҳр – давлатҳоро баъзан вақт пешвоёни қабилаҳои сокини ин шаҳрҳо идора мекарданд. Дар байни ин давлатҳои хурд доимо ҷангҳо ба амал меомаданд. Баъзан вақт ба харобазор табдил ёфта, аз байн мерафтанд. Шаҳр – давлатҳо бо мурури замон ба марказҳои маъмурӣ, хоҷагӣ ва динӣ табдил ёфта, вазифаҳои идоракунии давлатро иҷро мекарданд. Қайд кардан бо маврид аст, ки шаҳр – давлатҳо дар натиҷаи якҷоя шудани якчанд шаҳр ё давлат ба вуҷуд меомаданд. Масалан, дар бораи шаҳр – давлати Майяпин, ки дар нимҷазираи Юкатан воқеъ буд, то ба мо маълумоти нисбатан дақиқтар расидааст. Мувофиқи он дар зери роҳбарии Китселксатл ҳиндуёне, ки колтекин аз маркази водии Мехико ба Юкатан, Кампече ва Кантина Ру омадаанд, шаҳр – давлати Майяпинро бунёд кардаанд.[1] Бинобар ҳамин, Бобулистон низ яке аз қадимтарин шаҳр – давлатҳо ба ҳисоб меравад, чунки давлати Бобулистон низ дар натиҷаи якҷояшавии шаҳр – давлатҳои Шумер ва Аккад пайдо шудасст.

Дар охири ҳазорсолаи III пеш аз милод аҳолии Бобулистон ба қабилаҳои гуногун тақсим шуда буданд, ки дар қисматҳои асосии он –

1. **Ниг:** Зиёев Т.Н, Шарипов Р.Я. Китоби дарсӣ. **Таърихи умумӣ: Таърихи асрҳои миёна.** – Душанбе: «Сарпараст», 2005. – саҳ. 233

Шумер дар ҷануб ва Аккад дар шимол ҷойгир буд. Аҳолии қадимтарини Бобулистон – Шумериҳо буданд, ки заминагузорандаи давлатҳои аввалини Бобулистон ба шумор мерафтанд. Дар оғози ҳазорсолаи IV пеш аз милод ҷамъияти ибтидоии шумериҳо кӯшиши ба шакли нахустин давлатҳо гузаштанро мекарданд. Дар ҷамъияте, ки шумериҳо зиндагӣ доштанд, аллакай шахсиятҳои алоҳида вобаста ба касбу ҳунари худ фаъолият мекарданд. Аввалин маркази фарҳангии шумериҳо Урук буд[2], ки он на танҳо маркази идоракунии шаҳр, балки маркази касбу ҳунар, тиҷорат ва дигар самтҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ба ҳисоб мерафт. Аҳолии Шумер маҳсули меҳнатии худро ба ин марказ оварда ба фурӯш мегузоштанд ё тавассути он ба тиҷорат машғул мешуданд. Давлати Шумериҳо аз номи халқиятҳое, ки бо ин ном шинохта мешуданд, ба вуҷуд омадааст. Аз давраи пайдоиш то барҳам хурдан, давлати Шумер 7 асрро дар бар мегирад. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ, дар Шумер ва Аккад техникаи қонунгузорӣ ривоҷ меёбад, аз ҷумла меъёрҳои мушаххас ва умумии қонунгузорӣ эҷод мешаванд, кӯшишҳои дар як санади мураттабгашта ҷамъ овардани меъёрҳо ба харҷ дода мешавад, байни гуноҳи қасдона ва беэҳтиёти фарқ гузошта шуда, барои кирдорҳои қасдона ҷазоҳои вазнинтар пешбини мешаванд.[3]

Давлати Шумер барои ба танзим даровардани муносибатҳо ҷамъияти вобаста ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт ду мақомоти махсусро таъсис дода буданд:

1. **Шӯрои ҷамоаи машҳур**

Дар Шӯрои ҷамоаи машҳур то 1600 нафар одам ҷамъ меомаданд (аз ҷумла 670 – 680 нафари онҳоро низомиёни ҳарбӣ ташкил медоданд). Маҳз ҳокимон тавассути мақомоти зикргардида интихоб ва аз вазифа озод карда

---

**2. Ниг:** Крашенинникова Н.А. и Жидков О.А. История государства и права зарубежных стран: учебник: в 2 т. – 3-е изд., перераб. и доп. – М. :Норма, 2008. – стр. 64

**3. Ниг:** Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР – граф, 2011. - саҳ. 31.

мешуданд. Аввалин ҳокими таърихи дар давлати Шумер ин Лугал (хуҷаин) – и шаҳри Киша буд. Лугал танҳо пешвои ҷамоаи ҳарбӣ буд, на коҳин. Ҳокимони вилоят ё шаҳрро дар Шумери қадим «энсӣ» меномиданд.

2. **Шӯрои меҳтарон**

Шӯрои меҳтарон барои ҳалли масъалаҳои гуногуни молиявӣ, андоз, ҷанг ва дигар масъалаҳои марбута таъсис дода шуда буд.

Шумери қадим бо хусусиятҳои ташкилёбии авлодию қабилавӣ тавсиф меёбад. Шуғли асосии аҳолии Шумери қадим фаъолияти кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт. Марказҳои идоракунии кишоварзӣ низ дар Шумери қадим мавҷуд буданд. Дар давлати Шумери қадим хариду фӯруши замин иҷозат дода шуда буд. Як қисми заминҳо ба иҷора дода мешуданд. Идоракунии марказҳои кишоварзӣ ба зиммаи ҳарамҳо гузошта шуда буд. Деҳқонони безамин ё камзамин метавонистанд, ки заминҳои бекораи ҳарамҳоро бо меҳнати кироя гирифта кор кунанд. Дар ҳудуди давлати Шумер даҳҳо давлатҳо ва вилоятҳое буданд, ки онҳо мустақил буда, ба марказ итоат намекарданд. Давлати Шумер баъдтар аз ҷониби Аккадҳо тадриҷан ба даст оварда шуда буд, ки дар натиҷа шоҳигарии бузурги Шумеру Аккадҳо таъсис дода мешаванд. Давлати Шумеру Аккадҳо тақрибан соли 2000 пеш аз милод аз ҷониби кучманчиёни Аморея барҳам дода шуда буд, ки дар натиҷа яке аз марказҳои асосии ин давлатҳо Бобулистон интихоб мегардад.

Давлати Бобулистон ду давраи тараққиёти шоҳигариро аз сар гузаронидааст. Давраи аввал дар таърих бо номи шоҳигарии кӯҳна арзёби карда мешавад. Дар ин давра ҳокимияти Бобулистон мутамарказ буд. Ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар зери итоати шоҳ қарор дошт. Шоҳ ҳокимиятро аз номи илоҳӣ амали мегардонд. Дар соли 596 пеш аз милод давлати шоҳигарии кӯҳнаи Бобулистон аз ҷониби Хетҳо ва Каситҳо барҳам дода мешавад. Дар асри VI – VII пеш аз милод шоҳигарии нави давлати Бобулистон таъсис дода мешавад.

Бештари таърихнигорону ҳуқуқшиносон бар он ақида мебошанд, ки давлати мустаҳкамтарин дар оғози асри XVIII пеш аз милод ин Бобулистон ба шумор мерафт.[4] Шоҳи давлати Бобулистон, шашумин сиёсатшиноси сулолаи бобулиҳо – Ҳаммурапӣ буд. Чун анъана Ҳаммурапӣ фаъолияти худро дар барқарор намудани адолат дар ҳамаи сохтори ҷамъиятию давлатӣ оғоз намуд.

Давлати Бобулистон ба воҳидҳои махсуси идорашаванда тақсим шуда буданд. Бештари онҳоро одамони назоратчии истифодабарандагони фонди замин ташкил менамуданд ва чунин шахсиятҳо ба дарбори шоҳ ва ибодатхонаҳо итоат мекарданд. Дар давлати Бобулистон шахси махсус ҳамчун маслиҳатчии шоҳ ба ҳисоб мерафт. Бисёре аз коҳинонро дар дарбор «ғуломони қаср» эълон намуда буданд.

Оид ба ҷамъоварии андоз  дар Бобулистон дастгоҳи махсусе таъсис дода буданд, ки аз ду шахси мансабдор иборат буд. Яке «маҷбуркунандаи иҷрои амал» ва дигаре «маҷбуркунандаи супоридани чизе» фаъолият мекарданд. Аввалин маротиба меъёрҳои ҳуқуқи андоз дар шакли навишташуда дар Қонунҳои Ҳаммурапӣ пешбини шуда буданд, ки якчанд ҳолатҳои ҳуқуқиро мустаҳкам менамоянд:

1. Ду намуди андоз – андозҳои марказӣ, ки ба хазинаи шоҳ ҷамъоварӣ карда мешуданд ва андозҳои маҳаллӣ, ки ба хазинаи маҳал ҷамъоварӣ мешуданд;
2. Субъектони андоз;
3. Объекти андоз;
4. Тартиби ситонидани андоз;
5. Чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани меъёрҳои андозбандӣ.[5]

---

**4. Ниг:** Омельченко О.А. Всеобщая история государства и права: учебник. В 2 т. Т. 1/ - 4-е изд., испр. и доп. – М.: Эксмо, 2007. - стр. 52

**5. Ниг:** Крохина Ю.А. Налоговое право: учебник–М.: Высшее образование, 2006. стр. 67.

Дар Бобулистон ғояҳои сиёсӣ бештар дар қонунҳои шоҳ Ҳаммурапӣ инъикос ёфтаанд, ки хосияти илоҳӣ доштани ҳокимиятро тасдиқ менамоянд.[6] Дар ин радиф баъзе таърихшиносон чунин ибрози ақида намуданд, ки ҳокимият дар давлати Бобулистон хусусияти давлатиро дорад. Бинобар ҳамин, дар ҳар ду маврид ҳам ба андешаҳое, ки аз ҷониби таърихнигорон ва сиёсатшиносон пешбини шудаанд, рози шудан мумкин аст. Аз як тараф ба андешаи таърихнигорон рози шудан дар он асос мебошад, ки идоракунии давлати Бобулистон тавассути мақомотҳои ҳокимиятӣ ва шахсони мансабдоре, ки аз ҷониби чунин мақомотҳо ба вазифа таъин карда мешуданд, амали карда мешуд. Аз тарафи дигар бошад, дар амали намудани функсияҳои ҳокимияти давлатӣ нақши дин ва коҳинон бениҳоят назаррас буданд. Масалан, коҳинон дар як навбат метавонистанд, вазифаҳои судиро низ иҷро намоянд. Новобаста аз чунин ҳолатҳо ҳокимияти олии сиёсӣ ва идоракунӣ дар давлати Бобулистон ба дарбори шоҳ тобеъ буд. Бинобар ҳамин, чунин ҳокимият ҳам хусусияти динӣ ва ҳам хусусияти давлатиро дошт.

Лозим ба ёдоварист, ки баъзе сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Бобулистони қадима ҳокимияти шоҳи тариқи мерос мегузашт, лекин қайд кардан бо маврид аст, ки тартиби гузаштани ҳокимият ба тариқи  мерос ба таври дақиқ муайян карда нашуда буд. Баъзе ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин буд, ки ба занон низ ҳокимияти шоҳи тариқи мерос мегузашт. Ҳокимияти подшоҳӣ дар давлати Бобулистон номаҳдуд дониста мешуд. Дар як ҳолат Шоҳ метавонист, ки ҳам сардори давлат ва ҳам сардори ҳарбиён бошад. Баъзе сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқӣ оид ба номаҳдуд будани ҳокимияти шоҳи, яъне муттаҳид будани низоми идораи давлатӣ, судӣ ва ҳарбӣ дар дасти як шахс – фиръавн, шоҳ ва ғайра дар Бобулистон пешбини менамоянд.[7] Вобаста ба низоми идоракунии давлати

**6. Ниг:** Зокиров Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ. – Душанбе: «Истеъдод», 2010. – саҳ. 38.
**7. Ниг:** Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2007. - саҳ. 12

Бобулистон аз рӯи иерархия баъди шоҳ дар ҷои дуюм коҳин ба ҳисоб мерафт. Коҳинон бештар маросимҳои диниро анҷом медоданд. Мувофиқи санксияи ҳукуматдорони Бобулистон коҳинон сардорони ибодатхонаҳо буданд. Тааҷубовараш дар он зоҳир мегардад, ки дар баъзе ҳолатҳо ҳуқуқи судиро низ пайдо мекарданд. Мақоми сеюмро дар низоми идоракунии давлати Бобулистон «одами фармон» ё маслиҳатчӣ ишғол менамуд. Вай салоҳияти махсус надошт, лекин самтҳои фаъолияташ назорат дар соҳаи молия, андоз ва аз идоракунии маъмурӣ иборат буд. Яке аз самтҳои дигари фаъолияташ роҳбарии сафоратхонаҳои олӣ ба ҳисоб мерафт. Ӯҳдадори оид ба тадқиқоти муҳим, таълимот ва дигар фаъолият ба зиммаи сардори асосӣ вогузошта шуда буд. Дар қатори сардори асосӣ вазифаи калони роҳбарии қасрро нубанда ба ӯҳда дошт.[8] Нубанда дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва дастгоҳи давлатӣ нақши бениҳоят калонро ишғол менамуд. Тавассути нубанда фармонҳои дарбори шоҳи Бобулистон ба дигар марказҳо фиристонда мешуданд. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо оид ба фаъолияти хоҷагӣ ба зиммаи ӯ гузошта шуда буд. Ташкил ва фаъолияти судҳои қаср низ ба зиммаи нубанда буд.

Давлати Бобулистон ба вилоятҳо тақсим шуда буд, ки роҳбарии онро *наместниками* – мансабдорони шоҳ ба ӯҳда доштанд. Вазифаҳои асосии онҳо ҷамъоварии андоз ва ташкили хоҷагии давлатӣ буд. Вобаста ба ин мақсадҳо онҳо метавонистанд, ки фаъолияти судиро низ ба роҳ монанд ва масъалаҳои зикршударо ҳал намоянд. Мансабдороне, ки идоракунии ҷамоаи маҳаллиро ба зимма гирифта буданд – *рабианумами* ном доштанд. Самтҳои фаъолияти онҳо асосан иборат аз молия ва судӣ – милитсия буд, ки танҳо дар дохили маҳаллӣ худ муносибатҳои зикргардидаро ба танзим медароварданд. Идоракунии давлатии шоҳигарии Бобулистон асосан ин *«қасри асосӣ»* ба ҳисоб мерафт. Қасри асосӣ вобаста ба самти фаъолияти худ муносибатҳои молиявӣ – хоҷагиро

**8. Ниг:** Омельченко О.А. Всеобщая история государства и права: учебник. В 2 т. Т. 1/ - 4-е изд., испр. и доп. – М.: Эксмо, 2007. стр. 54

ба танзим медароварданд. Боқимонда падидаҳои давлатӣ танҳо мустақилона дар намудҳои гуногун ба вуҷуд меомаданд.

### *§ 1.2 Маълумоти умуми дар бораи Қонунҳои Ҳаммурапӣ*

Андешаҳои ҳуқуқии Бобулистон дар Қонунҳои Ҳаммурапӣ дарҷ гардидаанд. Дар муқаддимаи он таъкид гардидааст, ки ин Қонуннома баҳри таъмини адолат дар кишвар, ҷазои золимон, ҳимояи мӯҳтоҷон қабул шудааст.[9] Воқеан профессор Сотиволдиев Р.Ш. хеле дуруст қайд намудаанд, ки қабули қонунҳои боадолату беҳтаринро бо ҳар роҳ эълон намудан мумкин аст, қонунҳои қабулгаштаро беҳтарин қонунҳо эълон намудан низ аз эҳтимол дур нест.[10] Дар ҳар сурат эҷод кардани чунин меъёрҳо, ба монанди тадбиққунандаи ҷазои сахтарин барои кирдорҳои зишту номатлуб ё барҳамдиҳандаи амалу рафтори золимону беадолатон барои ҳимояи ҳуқуқҳои аъзоёни ҷамъият дар Қонунҳои Ҳаммурапӣ аз сатҳи шуурнокӣ ва қобилияти эҷодкунии чунин меъёрҳои ҳуқуқӣ гувоҳи медиҳад. Бинобар ҳамин, одамони дар ҷамъияти Бобулистон буда танҳо фикри мавҷудият ва беҳтар кардани шароити худ буданд, лекин амали шудани онҳо танҳо хаёли буду халос. Тағйир ёфтани вазъият ҳам дар заминаи табаддулоти инсоният ба вуҷуд меояд. Ба монанди оне, ки пештар инсоният кушиши кашфи киштии ҳавоӣ ва зиндагони намудан дар осмонро менамуд, ки дар шароити ҳозира ба вуқуъ пайвастани чунин ҳолатҳо аз эътибор дур нест.

Таърих гувоҳ аст, ки нахустин давлатҳо дар Шарқ пайдо шудаанд. Албатта, ҳар як давлат бо мақсади батанзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятии худ санадҳои махсуси ҳуқуқӣ қабул мекунанд. Бобулистон низ яке аз қадимтарин давлатҳое ба шумор меравад, ки таърихи зиёда аз

**9. Ниг:** Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР – граф, 2001. - саҳ. 31-32.

**10. Ниг:** Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2. Душанбе, - саҳ. 93.

чандин асраро дар бар мегирад ва чандин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ низ қабул кардааст. Яке аз ин сарчашмаҳо **Қонуни Уруинимгини** мебошад, ки дар охири асри XXIV-и пеш аз милод қабул шудааст ва аз ҳама қадимтарин ва маъмултарин қонун дар таърихи ҳуқуқ мебошад.[11] Дар ин қонун бештар муносибатҳои судӣ, яъне ҷиноятҳое, ки оид ба кирдорҳои сӯиқасд нисбати шахс равона карда шудаанд, танзими худро ёфтааст. Қонуни дигар бо номи **Қонуни Ур-Намму** мебошад, ки ин қонун дар ҳазораи 3 пеш аз милод қабул карда шудааст ва аз 35 модда иборат буд. Ин қонун бештар муносибатҳои иқтисодии шаҳрвандонро ба танзим медаровард. Қонуни дигар бо номи **Липит-Иштара** буд, ки дар асри XIX пеш аз милод қабул шуда буд ва аз 43 модда иборат буд. Ва бештари меъёрҳои он ба ҳуқуқ ва вазъи ҳуқуқии одамони қаср тааллуқ дошт. Қонуни дигар бо номи **Эшнуни** мебошад, ки дар асри XVIII-и пеш аз милод қабул карда шудааст. Ин қонун бештари муносибатҳои давлат ва хоҷагии деҳқониро (муносибатҳое, ки бештар ба замин тааллуқ доштанд) ба танзим медаровард. Ҳамаи қонунҳои дар боло зикргардида барои қабули Қонуни Ҳаммурапӣ замина шуда буданд.

Масъалаи ҷиддие, ки ҳар як давлат ба ӯ талабгор аст ва ба воситаи сиёсати ӯ муносибатҳои ҷамъиятии ҳар як давлат ба танзим дароварда мешавад, ин шоҳ аст. Таърихи таҷрибаи давлатдории ҷаҳон гувоҳи он аст, ки давлате, ки бе шоҳ (сардор) аст он дуру дароз давом намекунад. Бинобар ҳамин, чандин подшоҳон дар Бобулистон ҳукмрони кардаанд, лекин аз ҳама давраи муттароқӣ дар Бобулистон ин давраи ҳукмронии шоҳ Ҳаммурапӣ мебошад. Нақши шоҳ Ҳаммурапӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ бениҳоят калон аст, зеро ҳанӯз аз оғози фаъолияти ҳукмронии худ шоҳ Ҳаммурапӣ бо қоидаҳои худ давлатро идора мекард. Шоҳ Ҳаммурапӣ тавсифу таърифи беандоза дорад. Дар гуфтаҳои Ҳаммурапӣ оид ба тағйирнопазирии қонунҳо, адолат, қарорҳо ва ҳукмҳои судӣ андеша дар

**11. Ниг:** Омельченко О.А. Всеобщая история государства и права: учебник. В 2 т. Т. 1/ - 4-е изд., испр. и доп. – М. : Эксмо, 2007. стр. 84

хусуси абадӣ будани қонунҳои боадолат зоҳир мегардад.[12] Ӯро худои подшоҳон, бунёдгари низоми обёрӣ, ҳокими хирадманд ва ғайраҳо тавсиф намуда, итоати бечуну чарои аҳли ҷомеаро тақозо менамуданд. Ҳаммурапӣ дар бораи хосияти илоҳӣ, амалҳои накӯкорӣ ва ҳимояи оммаи заҳматкашон сухан ронда, худро ба сифати ҳомии мазлумон ва раиятпарвару адолатхоҳ тавсиф менамояд.

Аввалин кодификатсия дар соли дуюми ҳукмронии Ҳаммурапӣ ба вуҷуд омад, ки он бо номи «барқароркунандаи ҳуқуқи мамлакат» номгузорӣ шуда буд. Афсус, ки маълумоти кодификатсия то ба охир боқи намондааст. Шоҳ Ҳаммурапӣ дар фаъолияти қонунгузории худ кӯшиш намудааст, ки сохтори умумии давлатро мустаҳкам намояд. Чунки маҳз дар ҳамин давра қонунҳои Ҳаммурапӣ қабул карда шуд ва шоҳ Ҳаммурапӣ муаллифи маҷмӯи қонунҳои Бобулистон гардид, ки таърихчиён онро бо номи **“Кодекси Ҳаммурапӣ”[13]** арзёби кардаанд.

Андешаҳои муҳаққиқон дар хусуси хислати кодекс ва низоми муташаккилонаи меъёрҳоро доштани Қонунҳои Ҳаммурапи гуногун аст. Як қатор муҳаққиқон тарафдори гурӯҳбандии меъёрҳои ин қонунҳоянд. Дар ин замина меъёрҳои умумӣ ва мушаххас (амалӣ) ҷудо карда мешаванд. Дар қонунҳо тасаввуроти содда дар хусуси намудҳои гуноҳ дарҷ ёфтаанд. Тибқи андешаи баъзе муҳаққиқон, дар онҳо мафҳуми шахси ҳуқуқӣ (дар мисоли субъективияти ибодатгоҳҳо) ифода мешаванд. Муаллифони дигар бо ин ақида розӣ нестанд. Дар Қонунҳои Ҳаммурапӣ доир ба ҷиноят, ҷазо, никоҳ, моликият, қарз сухан меравад.[14]

---

**12. Ниг:** Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР – граф, 2001.- саҳ. 32.

**13. Ниг:** История государства и права зарубежных стран. Ч.1:учебник для вузов//под ред. Проф. Н.А. Крашенинниковой и проф. О.А. Жидкова. Изд. НОРМА– ИНФРА. М.,1998.

**14. Ниг:** Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР – граф, 2001.- саҳ. 32



Қонунҳои Ҳаммурапӣ дар асри XVIII-и пеш аз милод, аниқтараш солҳои 1792 – 1750-и пеш аз милод қабул карда шудааст. Баъзе сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқӣ нишон медиҳанд, ки Қонунҳои Ҳаммурапӣ дар соли 1901-1902 пеш аз милод дар натиҷаи кофтуковҳои археологию экспедитсионии французҳо дар Сузах, ки пойтахти қадимаи Элама ба ҳисоб мерафт, ёфта шуда буд.[15] Ва дар сутуни сиёҳи рухом акси шоҳ Ҳаммурапӣ чунин кандакорӣ карда буд, ки шоҳ Ҳаммурапӣ ба сӯи худои офтоби Бобулистон Шамашем, ки ин қонунгузориро вай ба ӯ сазовор дониста аст, нигариста ибодат мекард.

Дар дебочаи Қонуни Ҳаммурапӣ, ки аз ҷониби худи шоҳ Ҳаммурапӣ навишта шуда буд, чунин қайд карда шудааст: «Дар давлат ҳақиқат (адолат) бояд дурахшон бошад, то ки шахсони зидди қонун ва бадкорон нобуд карда шаванд, то ки шахсони зур ба шахсони нотавон зулм накунанд ва давлат бо озоди таъмин карда шавад».[16]

Қонунҳои Ҳаммурапӣ аз муқаддима, 8 боб ва 282 модда иборат буда, 35 моддаи он дастраси мо нагардидааст. Дар баъзе адабиёти таърихӣ аз нуқтаи назари, баъзе таърихшиносон сабаби гум шудани ин 35 моддаро чунин қайд мекунанд, ки ҳангоми яке аз муҳорибаҳои худ эламҳо ғалабаро ба даст дароварда бо фармони шоҳи эламҳо моддаҳои мазкурро тоза карда ғалабаи худро қайд намуданд. Лекин аз таҳлили матни Қонунҳои Ҳаммурапӣ мушоҳида мешавад, ки 35 моддаи ба мо дастрас нагардида дар

**15. Ниг:** Крашенинникова Н.А. и Жидков О.А. История государства и права зарубежных стран: учебник: в 2 т. – 3-е изд., перераб. и доп. – М. : Норма, 2008. – стр. 124

**16. Ниг:** Омельченко О.А. Всеобщая история государства и права: учебник. В 2 т. Т. 1/ - 4-е изд., испр. и доп. – М. : Эксмо, 2007. стр. 86

бобҳои гуногуни қонуни мазкур ҷойгир буданд. Аз ин лиҳоз, фикр мекунам, ки дар вақти тоза намудани моддаҳо ба ивази моддаҳои асосӣ, меъёр ва қоидаҳои манфиати худро ҳимоякунандаро намояндагони шоҳи эламҳо мустаҳкам намуданд, зеро ҳангоми тоза кардани моддаҳо мумкин аст, ки бо тартиби муайян моддаҳо тоза шаванд. Чӣ тавре, ки маълум аст 35 моддаи қонунҳои Ҳаммурапӣ на бо тартиби муайян, балки аз ҳар як боб ду ё се моддаи он вуҷуд надорад. Ва ҳар як боби қонунҳои Ҳаммурапӣ номгузорӣ карда шуда дар навбати худ ба моддаҳо тақсим мешавад.

Боби 1 аз моддаи 1 то моддаи 5 иборат мебошад. Ин боб муносибатҳоеро танзим менамояд, ки ба қоидаҳои умумӣ дар бораи қарори одилонаи суд бахшида шудаанд.

Боби 2 аз моддаи 6 то моддаи 25 иборат мебошад. Ин боб дар бораи муҳофизаткунонии ибодатхонаҳои шахсӣ ва ибодатхонаҳои ҷамъиятӣ сухан меравад.

Боби 3 аз моддаи 26 то моддаи 41 иборат мебошад. Ин боб дар бораи ҳимояи моликияте, ки аз ҷониби шоҳ барои хидматҳо қадрдони карда шуда буд, пешбини шудааст.

Боби 4 аз моддаи 42 то моддаи 71 иборат мебошад. Ин боб оид ба амволи ғайриманқул ва ҳимояи он аз суиқасди ғайриқонунии бегонагон мебошад.

Боби 5 аз моддаи 78 то моддаи 126 иборат мебошад. Ин боб бештар дар бораи муносибатҳои тиҷоратӣ ва алоқамандии онҳо бо фурӯшандагон мебошад.

Боби 6 аз моддаи 127 то моддаи 195 иборат мебошад. Ин боб муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро дар бар мегирад.

Боби 7 аз моддаи 196 то моддаи 214 иборат мебошад. Ин боб дар бораи татбиқ намудани ҷазо нисбати ҷиноят пешбини шудааст.

Боби 8 аз моддаи 215 то моддаи 282 иборат мебошад. Ин боб дар бораи қоидаҳои ҷарроҳӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани он пешбини шудааст.

### *§ 1.3 Вазъи ҳуқуқии аҳолии Бобулистон тибқи Қонунҳои Ҳаммурапӣ*

Қонунҳои шоҳи Бобулистон Ҳаммурапӣ яке аз нахустин маҷмӯаҳои машҳури меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Онҳо дар асри XVIII то милод дар заминаи ҳуқуқи одатӣ ва қонунҳои ҳокимони гузашта дар шакли казус таҳия шудаанд.[17] Аҳолии Бобулистон мувофиқи қонунҳои Ҳаммурапӣ ба якчанд табақа тақсим мешуданд. Гурӯҳҳои одамони комилҳуқуқ, ки дар ҷамъияти Бобулистони қадим афзалият доштанд ***авилумро*** ташкил медоданд. Авилум «одам» - ҷамоаткори озод, сарвари оилаи падаршоҳӣ буд. Мақоми ҳуқуқии авилумро асосан ҳуқуқи одатӣ муайян мекард. Аммо давлат манфиатдор буд, ки табақаи ҷамоаткорони озод боқӣ монанд, зеро авилумҳо андозсупорандагони асосӣ ба шумор мерафтанд. Аз ин лиҳоз, Қонунҳои Ҳаммурапӣ ҳимояи ҳуқуқии ҳадди аксари аҳолии комилҳуқуқи Бобулистонро таъмин менамуданд. Мувофиқи Қонунҳои Ҳаммурапӣ авилум барои таъмини қарз маҷбур буд, ки аъзои оилаи худро фурӯшад ё ба ғуломӣ бидиҳад, дар ин сурат мӯҳлати чунин ғуломӣ ба се сол маҳдуд мегардид. Дар ҳолати марги шахси гаравгон аз сабаби задан ё муносибати сахт, қарздеҳ ҷавобгарӣ ба зимма дошт. Агар писари қарздор кушта мешуд, он гоҳ писари қарздиҳандаро мекуштанд; агар ғулом кушта мешуд, қарздиҳанда ҷуброни пулӣ пардохт менамуд ва ҳуқуқи ситонидани қарзро аз даст медод.

---

**17. Ниг:** Тоҳиров Ф.Т. Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷа. – Душанбе: «Эҷод», 2007. - саҳ 48.

Гурӯҳи дигари аҳолиро мувофиқи қонунҳои Ҳаммурапӣ ***мушкенум*** ташкил медод. Мушкенум «зерипоафтанда»[18], одами нокомилҳуқуқе буд, ки аз ҷамоат баромада, ба хизмати хоҷагии шоҳ камар бастааст. Ин табақаи мобайнии комилҳуқуқон ва ғуломон аз байни аҳолии камбизоати маҳаллӣ баромада буд. Мушкенум қитъаи заминеро соҳибӣ мекард, ки аз ҷониби шоҳ ё ибодатхона дода мешуд ва як қисми ҳосил ба хазина супорида мешуд. Аз ҳамин хотир заминдории мушкенум дар қатори моликияти шоҳу ибодатхонаҳо ҳимоя мегардид. Аммо дар қонунҳо шахсият ва амволи мушкенум нисбат ба авилум камтар баҳо мегирифт. Қобилияти ками ҳуқуқии мушкенум дар он зоҳир мегардад, ки ин категорияи аҳолӣ робитаи худро бо ҷамоат нигоҳ намедошт аз ҳимояи ӯ бархурдор намегардид. Дар айни замон аз сабаби дар хизмати шоҳ қарор доштан ба мушкен аз ҷониби давлат ғамхории махсус зоҳир карда мешуд.

Дар Бобулистони қадим низомиёнро ***редум*** ва ***баирум*** меномиданд. Вазъи ҳуқуқии онҳо дар қонунҳои Ҳаммурапӣ муфассал пешбини шудааст.[19] Давлат ба таъмини ҳуқуқ ва таъини вазифаю ӯҳдадории шахсони дар хизмати шоҳ қарор дошта манфиатдор буд. Агар редум ё баирум аз иштирок кардан дар муҳориба саркашӣ мекарданд ва ба ҷои худ шахси дигарро пешниҳод мекард ба қатл маҳкум карда мешуд. Ҷангии асирафтода бояд харидорӣ мегардид. Дар сурати дар хонаи ҷангӣ мавҷуд набудани маблағи харид аз ҳисоби маблағҳои ибодатхонаҳои маҳаллӣ ва хазина пардохт карда мешуд. Ҳама гуна фишороварӣ ба редум аз ҷониби сарварони низомӣ ба ҳукми қатл баробар буд. Барои хизмати шоҳ ҷангиён амвол ва қитъаи замин мегирифтанд, ки ҳар гуна муомилот бо ин замин (масалан, хариду фурӯш) ғайриқонунӣ ба ҳисоб мерафт. Амволи аз ҷониби шоҳ додашуда барои таъмини қарз ё аз асорат харидори кардани вай истифода мегардид. Ӯҳдадории қарзии худро редум аз ҳисоби даромадҳои

**18. Ниг:** Ҳамин китоб. саҳ. 49.

**19. Ниг:** Хрестоматия по Всеобщая история государства и права. Т. 1./ под. Ред. К.И. Батыра и Е.В. Поликарповой. – М.: Юристъ, 2007.- 392 с.

шахсии худ таъмин мекард. Дар ҳолати муддати зиёд ҳозир набудани ҷангӣ амволи вай ба одами дигаре, ки қобилияти хизмати шоҳро дошт, дода мешуд. Муҳлати ихтиёрдори кардани ин гуна заминҳо то се сол муқаррар карда шуда буд[20] ва дар ҳолати гузаштани ин муҳлат қитъаи замине, ки ба редум дода шуда буд баргардонида мешуд. Ҳангоми дар хизмати шоҳ қарор доштани низомӣ ва ба асорат афтидани ӯ мавриди истисно қарор мегирифт.

Қонунҳои Ҳаммурапӣ боз як табақаи аҳолии нокомилҳуқуқ – ***тамкарҳоро*** ҷудо мекунад. Онҳо намояндагони тоҷироне буданд, ки хидмати шоҳро ба анҷом мерасонданд ва як қисми фоидаи аз муомилаҳои тиҷоратӣ ба даст овардаи худро ба хазина интиқол медоданд. Тамкарҳо ба бозор муносибат доштанд ва ба ғайр аз супоришҳои шоҳ метавонистанд ба тиҷоратӣ хусусӣ машғул шаванд. Табақаи аз ҳама поён мувофиқи қонунҳои Ҳамурапӣ ин ***гуломон*** буданд. Ғуломдорӣ дар ин сарзамин хусусияти падаршоҳӣ дошт, яъне ғуломон дар ҳукми аъзои хурди оила буданд. Қонунҳои Ҳаммурапӣ ғуломро дар баробари мол баррасӣ мекунанд, ки озодона метавонист хариду фӯруш карда шаванд. Дар айни замон ғуломон барои ҷинояти содиркардаи худ шахсан ҷавобгар буданд ва ба ҷазои сахт маҳкум мешуданд. Ғулом дар мурофиаи судӣ метавонист дар бобати вазъи ғуломии худ шикоят намояд, аммо дар ҳолати бохтани мурофиа ба ҷазои сахт маҳкум мегашт. Қонун тоифаи ғуломони дарбор ва ғуломони мушкенумро махсусан ҷудо мекунад. Дар ҳамин ҳолат қайд кардан хеле бо маврид аст, ки вазъи ҳуқуқии ғуломони дарбор нисбат ба вазъи ҳуқуқии ғуломони мушкенум баланд буд, гарчанде, ки онҳо дар ҷамъияти Бобулистон як мақом доштанд, яъне «ғулом» буданд. Хусусияти вазъи ҳуқуқии ғуломони дарбор дар борабари дар Қонунҳои Ҳаммурапӣ дарҷгардиданашон, инчунин дар хотираи хаттии фалсафӣ – ҳуқуқӣ бо номи

**20. Ниг:** Тоҳиров Ф.Т. Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷа. – Душанбе: «Эҷод», 2007. - саҳ 49.

«Сӯҳбати ҷаноб бо ғулом дар бораи зиндагӣ»[21] мустаҳкам карда шуда буданд, ки ин хотираи фалсафӣ – ҳуқуқӣ танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии танҳо ғуломони дарбори шоҳ ё «ғуломони қаср» ба ҳисоб мерафт. Дуздидан ё пинҳон намудани ғуломони дарбор ба ҷазои қатл баробар буд. Ғуломони дарбор ё ғуломони мушкенум метавонистанд бо занони озод хонадор шаванд ва фарзандони онҳо озод таваллуд мешуданд. Як қисми амволро ғулом метавонист, ки ба зане, ки озод аст диҳад ва қисми дигари амвол бошад ба ихтиёри хоҷаи ғулом мегузашт. Баробарии мақоми ҳуқуқии ғуломони дарбор ва ғуломони мушкенум дар он ифода меёбад, ки онҳо моликияти шоҳӣ ҳисоб мешуданд, аз ин хотир таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доштанд.

**21. Ниг:** Раҳимов А., Расулов Қ. **Асосҳои фалсафа.** – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2003. саҳ. 40.

# *БОБИ 2*
# *СОҲАҲОИ ҲУҚУҚ ТИБҚИ ҚОНУНҲОИ ҲАММУРАПӢ*

## *§2.1 Ҳуқуқи гражданӣ*

Ба ҳамагон маълум аст, ки омӯзиши ин ё он илм аз муайян намудани мафҳуми он оғоз мешавад. Аз ин рӯ, ба таври анъанавӣ таваҷҷӯҳ бояд ба он равона карда шавад, ки зери мафҳуми ҳуқуқи гражданӣ чиро фаҳмидан мумкин аст?

Инсон аз лаҳзаи таваллуд то ба марг ба ҷамъият ва табиат алоқаманд мебошад. Ва кӯшиши истифода намудани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддии табиатро мекунанд. Дар шароити муосир ҳуқуқи гражданӣ он муносибатҳоеро, ки ба муносибатҳои молу мулкӣ, шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк вобаста ва ғайримолумулкии ба молу мулк вобаста набударо танзим менамояд. Аз ин нуқтаи назар, дар қонунҳои Ҳаммурапӣ баъзе аз муносибатҳои зикргардидаро вохурдан мумкин аст, лекин қайд кардан бо маврид аст, ки муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ на ба таври васеъ ва ҳамаҷониба ба танзим дароварда шуда буданд. Баъзе падидаҳое, ки дар ҳуқуқи гражданӣ истифода бурда мешаванд, дар меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ вохурдан мумкин аст. Масалан молу мулк, моликият, шартнома ва ғайраҳо.

Оид ба моҳият ва мазмуни муносибатҳои молу мулкӣ то ҳанӯз дар илми ҳуқуқи гражданӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногун андешаҳои мухталиф мавҷуд мебошанд. Баъзе аз олимон муносибатҳои молу мулкӣ гуфта, муносибатҳои иқтисодӣ, дигарон муносибатҳои истеҳсолӣ, музднок, арзишдор, арзиши баробардошта, муносибатҳои ба мол, пул вобастабуда ва ғайраро мефаҳманд.[22]

Муносибатҳои молу мулкӣ аз мазмуни меъёрҳои қонунҳои шоҳ Ҳаммурапӣ ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ дар назар дошта шуда буданд.

---

**22. Ниг:** Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1. – Душанбе: «ЭР – граф», 2007, саҳ. 8.

Муносибатҳои молу мулкӣ (иқтисодӣ) ба фаъолияти инсон зич алоқаманд буда, бо мақсади пешбарии зиндагии ӯ амалӣ мешаванд. Чунин муносибатҳо байни шахсони муайян доир ба неъматҳои моддии аниқ ба миён меоянд. Бинобар ҳамин, давлати Бобулистон маркази асосии рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷорат ба ҳисоб мерафт.

Дар ҷамъияти давлати Бобулистон шахсони муайян (низомиён, деҳқонон, коҳинон ва шахсони дарбори шоҳ) метавонистанд, ки барои хизматҳояшон аз ҷониби шоҳ барои қонеъ намудани талаботи худ ва пешбурди зиндагӣ бо молу мулкӣ муайян сарфароз гардонида шаванд. Молу мулке, ки аз ҷониби шоҳ дода мешуд, нисбати онҳо ҳуқуқи моликиятиро надоштанд, танҳо барои истифодабарӣ ва соҳибият дода мешуданд. Дар сурати вайрон кардани қоидаҳои истифодабарӣ ва соҳибият оқибати ҳуқуқиро ба миён меовард. Масалан, мутобиқи моддаи 35 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахсе аз редум ҳайвони чорпои калон ё хурд харидори намояд, ки онро ба редум шоҳ дода буд, пас вай нуқраи[23] худро гум мекард». Ҳуқуқи ба даст овардани моликият нисбати молу мулк ба шоҳ, коҳинон ва авилумҳо дода шуда буд. Ба даст овардани ҳуқуқи моликиятӣ аз қобилияти ҳуқуқии табақаҳо ва иштироки онҳо дар муносибатҳои идоракунии давлати Бобулистон вобастагӣ дошт. Дар ин радиф қайд кардан бо маврид аст, ки на ҳамаи шахсоне, ки дар муносибатҳои идоракунии давлатии Бобулистон иштирок мекарданд, ҳуқуқи моликиятиро доштанд.

Аз таҳлили меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ чунин бар меояд, ки ҳанӯз аз давраи ҳукмронии шоҳ Ҳаммурапӣ тақсимоти ашёҳо ба ашёи манқул ва ғайриманқул мавҷуд буданд. Дар муносибатҳои граждани бештар ашёҳои ғайриманқул дар муомилот истифода бурда мешуданд. Бинобар ҳамин, боби 4 – уми қонунҳои Ҳаммурапӣ «*Амволи ғайриманқул ва*

**23**. Арзиши қиматбаҳо дошта аз тарафи шоҳ барои хизматҳо дода мешуд ва он набояд фурӯхта мешуд.

*ҳимояи он аз сӯиқасди ғайриқонунии бегонагон»* ба ин гуна муносибатҳо бахшида шуда буд.

Шоҳ Ҳаммурапӣ ҳамчун сиёсатмадор кӯшиш намудааст, ки тавассути фаъолияти қонунгузорӣ сохти ҷамъияти давлатро мустаҳкам намояд, ки дар он қувваи ҳукмрон бояд ғуломдори хурд ва миёна бошанд. Ин нахустин маҷмуи қонунҳои машҳуре мебошанд, ки ба молу мулки хусусии давраи сохти ғуломдории шоҳ Ҳаммурапӣ бахшида шудааст. Дар давраи фаъолияти ҳукмронии шоҳ Ҳаммурапӣ инкишофи молу мулки хусусӣ дар як сатҳи баланд қарор дошт. Дар Бобулистон намудҳои гуногуни заминҳои хусусӣ мавҷуд буданд. Аз он ҷумла, заминҳои шоҳӣ, заминҳои ибодатгоҳ, заминҳои ҷамоат ва заминҳои хусусӣ. Идоракунии ҳам заминҳои шоҳ ва ҳам заминҳои ибодатхонаҳо дар ихтиёри шоҳ буд, чунки ин заминҳо сарчашмаи даромади муҳими хоҷагӣ ба ҳисоб мерафтанд. Заминҳои шоҳ барои истифода бурдан ба чоряккорон тақсим карда шуда буд. Хоҷагидорони шоҳ дар доираи фаъолияти тиҷоратӣ ва мубодила нақши бениҳоят калонро ишғол менамуданд. Нақши замимдорони хусусӣ низ дар он давра хеле инкишоф ёфта буданд. Вобаста ба саҳми фаъолияташон заминдорони хусусӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешуданд:

**1. Заминдорони калони хусусӣ**, ки ҳамеша барои гирифтани ҳосили заминҳои худ аз меҳнати ғуломон ва деҳқонони маҳаллӣ истифода мебурданд. Деҳқонони маҳаллӣ ҳангоми иҷрои номатлуби ӯҳдадори нисбати замин ҷавобгариро ба миён меоварданд. Мутобиқи моддаи 42 – и Қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахсе заминро барои иҷора коркардан гирад ва дар он гандум наруяд, пас вай бояд кори ҳалол накардаи худро ошкор кунад ва он бояд ба хуҷаини замин гандум диҳад, ҳамчун ҳамсояи худ». Агар деҳқон заминро аз заминдорони калони хусусӣ барои коридани гандум ба иҷора гирад ва нисбати замин бепарвоёна муносибат намояд, пас бояд ҳосили замини гандуми аз дастдодаро пардохт намояд. Дар сурати надоштани гандум барои пардохти зарари ба миён оварда

мутобиқи меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ деҳқон метавонист, ки бар ивази он нуқра пардохт кунад ва баръакс дар сурати надоштани нуқра метавонист, ки бар ивази он гандум пардохт намояд. Деҳқононӣ маҳаллиро мебоист, ки ҳангоми ба иҷора қабул кардани замин шартнома банданд. Зеро ҳангоми анҷом надодани шартнома деҳқонон ба зарарҳои иқтисодӣ дучор меомаданд. Масалан, мутобиқи моддаи 45 – и Қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахсе замини худро ба деҳқон ба иҷораи пули диҳад ва аз замини худ иҷораи пулиро гирад, аммо баъд Худои азим заминро оташ гардонад ё даравро обхези гирифта барад, пас зарар танҳо ба деҳқон меафтад». Заминдорони калони хусусӣ метавонистанд, ки заминҳои бекорхобидаро барои ба боғ табдил додан ба иҷора диҳанд. Ва барои боғбонҳо имтиёзҳо низ пешбини гардида буд. Аз он ҷумла, мутобиқи моддаи 60 – и Қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахс барои боғбон замин диҳад ва боғбон дар он дарахт ва дигар намуди зироатҳо шинонад то давоми 4 сол ҳосилро ба худ мегирад, яъне соли 5-ум боғбон ӯҳдадор мешавад, ки қисми ҳосилашро ба соҳиби замин диҳад».

**2. Заминдорони хурди хусусӣ** бошад, онҳо худ заминҳоро истифода намуда ҳосилашро ҷамъ мекарданд. Азхудкунии молу мулк нисбати заминҳо дар як сатҳи хеле баланди тараққиёт қарор дошт. Заминҳоро метавонистанд, ки озодона ба фурӯш гузоранд, ба иҷора диҳанд ва ба мерос гузоранд. Тартиби махсуси ҳуқуқӣ фақат нисбати моликияти ҳарбиён мавҷуд буд. Дар Қонунҳои Ҳаммурапӣ як қатор моддаҳое мавҷуд мебошанд, ки муносибатҳои ҳуқуқии моликияти ҳарбиёнро ба танзим медароварданд. Ва маҳз бештари муносибатҳоро иҷораи моликияти ҳарбиён ташкил медиҳанд. Мутобиқи моддаи 27 – и Қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар афсар дар вақти хизмат ба асир афтад ва баъди вай замини уро ба ягон кас медиҳанд ва он шахс камбудиҳои ӯро ислоҳ мекунад, баъди гашта омадани афсар метавонад замини худро гирад ва камбудиҳоро худаш ислоҳ кунад». Баъзе ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки молу мулки

ҳарбиён дар сурати гузаштани муҳлат ба шахси дигар мегузарад. Масалан, агар редум ё баирум шахсони ҳарбӣ ҳангоми иҷро намудани ӯҳдадории ҳарбӣ  замин, боғ ва хонаи худро партофта раванд ва дар муҳлати се сол барнагарданд дар ин сурат шахси дигар метавонад, замин, боғ ва хонаи ӯро ба соҳиби гирад. Лекин мутобиқи моддаи 31 – и Қонунҳои Ҳаммурапӣ баъди гузаштани як сол агар редум ё баирум ҳозир шаванд, пас замин, боғ ва хонаи ӯ баргардонида мешаванд ва ӯҳдадориро худаш нисбати молу мулк давом медиҳад. Шахси ҳарбӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадории ҳарбӣ  агар асир афтад ва аз байн се сол гузарад, лекин шахси ҳарби фарзанд дошта бошад, молу мулк на ба шахси дигар, балки ба фарзанди ӯ мерос мегузарад. Ва фарзанди ҳарбӣ метавонад, ки камбудиҳои замин, боғ ва хонаро ислоҳ намуда истифода намояд. Ҳарбиён наметавонистанд, ки молу мулки аз тарафи шоҳ ба онҳо дода шударо фурӯшанд. Бинобар ҳамин, дар сурате, ки агар аз ҷониби ҳарбиён чунин амал анҷом дода мешуд, пас онҳо ҳуқуқи ду бора талаб карда гирифтани молу мулки худро надоштанд.

Дар Бобулистон мувофиқи ҳуқуқи гражданӣ якчанд намуди шартнома мавҷуд буд:

**1.** ***Шартномаи хариду фурӯш.*** Шартномаи хариду фурӯш ҳанӯз аз шартномаи мубодила ҷудо нагардида буд, зеро нарх на танҳо бо нуқра, балки бо ғалла ё амволи дигар таъин мегардид. Харид бо иштироки шоҳидон сурат мегирифт ва фурӯшанда бояд кафолат медод, ки вай соҳиби мол аст.

**2.** ***Шартномаи қарз.*** Қонунҳо андозаи ҳадди аксари фоизҳоро муқаррар карда буданд (20% бо нуқра ва 33,5% бо қарзи молӣ). Қарзе, ки аз ин меъёр бештар фоиз талаб мекард ё қаллобиаш ошкор мегашт, ҳуқуқи баргардонидани қарзро аз даст медод. Қарздор то ба баргардонидани қарзи худ дар ихтиёри қарздиҳанда побанд шуда мемонд. Қарзи ғуломӣ то се сол мӯҳлат дошт ва баъди ин мӯҳлат ба ҳисоби ҷуброн шуда мегузашт ва қарздор аз қарз озод мегардид.

**3.** ***Шартномаи кирояи манзил.*** Соҳиби манзил, ки холи кардани манзилро пеш аз мӯҳлат талаб мекард, аз ҳуқуқи гирифтани музди кироя маҳрум мегардид.

**4.** ***Шартномаи иҷораи шахсӣ.*** Қонунҳо андозаи пардохти навъҳои гуногуни корҳои ҳунармандӣ, сохтмон, қаиқронон ва табибонро муайян карда буданд.

**5.** ***Шартномаи амонатдорӣ.*** Ин шартнома дар ҳузури шоҳидон баста мешуд. Даст кашидан аз ин намуди шартнома ӯҳдадории ҷуброни зарарро ду баробар зиёд мекард.

**6.** ***Шартномаи иҷора.*** Иҷоракор ӯҳдадор буд заминро кишт намуда аз рӯи шартнома ба андозаи 1/3 ё 1/2 ҳосил пардохт анҷом диҳад (дар сурати набудани ҳосил ҳисобу китоб аз рӯи ҳосили ба даст овардаи ҳамсоягон амалӣ мегашт).

**7.** ***Шартномаи супориш.*** Байни тамкар ва намояндаи хурди тиҷоратӣ – шамалум баста мешуд, ки он интиқоли молу пулро барои ба даст овардани фоидаи тиҷоратӣ пешбини мекард.

**8.** ***Шартномаи шарокат.*** Маблағгузории муштаракро бо мақсади гирифтани фоида ифода мекард. Фоидаю зиён баробар тақсим мегардид.

Мутобиқи қонунҳои Ҳаммурапӣ барои вайрон кардани шарту шароити шартнома ҷуброни чанд баробар ё аз даст додани пулу моли мутобиқи шартнома муқаррар гардида буд.

### *§2.2 Ҳуқуқи оилавӣ*

Оила яке аз қадимтарин сохтори иҷтимоӣ дар таърихи башарият ба шумор меравад. Бинобар дастовардҳои охирини илмҳои ҳарфиётшиносӣ ва этнография таърихи ташаккули ҷомеаҳои инсонӣ на се ҳазор сол, ки дар ибтидои асри ХХ меҳисобиданд, балки 10-12 ҳазорсоларо фаро мегирад. Пайдоиш ва равнаҳи обшинаҳои оилавӣ ҳамчун маҳсули асосии иқтисоди истеъмолӣ ба замони гузариш ба давраи неолит (асри нави санг – тахминан ҳазораҳои VII – III то милод) рост меояд. Пойгоҳ ё худ базаи асосии ин обшинаҳоро муносибатҳои хешутабории якчанд насл (волидон, мардону занони ҷавон, кӯдакон ва ғ.) ташкил медоданд. Дар асари ҳуқуқшиноси машҳури англис В. Блэкстон **«Тафсири қавонини англисӣ»**[24] (1765), ки тӯли сад сол ҳамчун китоби дарсӣ маъруфият дошт, консепсияи никоҳ ба тариқи зайл маънидод гаштааст: «Дар никоҳ мард ва зан аз лиҳози ҳуқуқ як шахс мебошанд. Яъне, воқеияти ҷисмонӣ ва ҳуқуқии занон дар ҷараёни никоҳ ё умуман ба ҳисоб гирифта намешавад ва ё ҳадди ақал бо мақоми шавҳар махлут мегардад». Аз ин нуқтаи назар чунин андеша ҳосил мешавад, ки зан дар оила ҳангоми содир намудани ҳар гуна амалҳои ҳуқуқӣ пурра ба шавҳар тобеият дошт, яъне зани шавҳардор аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ғайри қобили амал ҳисобида мешуд. Воқеан оила низ дар Бобулистони қадим асоси ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳаёти инсон дар Бобулистони қадим пурра ҳисобида намешуд, то он даме, ки вай соҳиби завҷаи хуб ва якчанд фарзандон намедошт.

Яке аз масъалаҳои муҳими ҳар як давлат ин масъалаи муносибатҳои оилавӣ мебошад. Дар дигар давлатҳои навтаъсис маросими бастани ақди никоҳ на онқадар хуб ба танзим дароварда шуда буд. Дар давраи ҳукмронии шоҳ Ҳаммурапӣ муносибатҳои бастани ақди никоҳ то қадри имкон ба танзим дароварда шуда буд. Ба қавли яке аз муҳаққиқони ҳуқуқи

**24. Ниг:** Маҳмудов Маҳкам. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамсарон дар оила – Душанбе: ЭР – граф, 2003. саҳ 4.

оилавӣ М.В. Антокольская муносибатҳои никоҳӣ аз як факти юридикӣ – созишномаи тарафҳо, ки бояд аз қайди давлатӣ гузарад, ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз, дар қонунҳои Ҳаммурапӣ боби 6, ки аз моддаи 127 то моддаи 195 иборат аст, бевосита ба ҳуқуқҳои оилавӣ бахшида шудааст. Мақоми зан аз нигоҳи қонунҳои Ҳаммурапӣ нисбат ба мард паст буд. Мувофиқи моддаи 128-и қонунҳои Ҳаммурапӣ: - «Агар шахс зан гирад ва шартномаи никоҳ надошта бошанд, пас ин зан - зан нест». Аз мазмуни моддаи мазкур маълум мегардад, ки дар давраи ҳукмронии шоҳ Ҳаммурапӣ барпо кардани оила ё бастани ақди никоҳ тавассути шартнома сурат мегирифт.

Мувофиқи Қонуни Ҳаммурапӣ маросими бастани ақди никоҳ тавасути шартномаи хаттӣ ва даҳонӣ сурат мегирифт. Бештари шартномаҳои ақди никоҳ чун қоида даҳонӣ сурат мегирифтанд. Қонунҳои Ҳаммурапӣ шартномаҳое, ки тавассути даҳонӣ баста мешуд, на он қадар эътиборнок меҳисобид. Қонунҳои Ҳаммурапӣ то қадри имкон муносибатҳои муҳими ҳуқуқи оилавиро ба танзим медаровард. Дар муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ҳангоми бастани шартномаи ақди никоҳ то қадри имкон розигии тарафҳо ба инобат гирифта мешуд, лекин бештар хусусияти маҷбуркуниро низ доштанд. Аз адабиёти таърихӣ ба мо маълум гашт, ки маросими ақди никоҳ бо як намуди шиор ба анҷом мерасид. Ин шиор чунин буд: «Ту билохират шавҳари ман мешавӣ, ман бошам завҷаи ту мешавам»[25]. Шартномаи хаттии ақди никоҳ дар сурате баста мешуд, ки агар дар он маросими ақди никоҳ шарту шароит гузошта шуда бошад. Яке аз ин шарту шароитҳое, ки дар ҷараёни бастани шартномаҳои хаттии ақди никоҳ сурат мегирифт, ин пардохт кардани маҳр мебошад, ки инро дар Бобулистони қадим ***тархатум***[26] меноманд. Дар сурати вайрон кардани шартномаи хаттии ақди никоҳ, боиси ба миён омадани ҷавобгарии моддӣ

**25. Ниг:** Омельченко О.А. Всеобщая история государства и права: учебник. В 2 т. Т. 1/ - 4-е изд., испр. и доп. – М. : Эксмо, 2007. стр. 89

**26. Ниг:** Крашенинникова Н.А. и Жидков О.А. История государства и права зарубежных стран: учебник: в 2 т. – 3-е изд., перераб. и доп. – М. : Норма, 2008. – стр. 136

мегардид. Масалан, мутобиқи моддаи 160-и қонунҳои Ҳаммурапӣ: « Агар шахсе ба хонаи хусураш қалинг оварда, пули харид диҳад ва падари духтар гӯяд, ки: «Ман духтарамро ба ту намедиҳам», пас ҳамаи чизи овардаи ӯро ду баробар гардонида медиҳад». Барои вайрон кардани муносибатҳои акди никоҳ на танҳо аз тарафи арӯсшаванда ҷавобгарӣ ба миён меомад, балки қонунҳои Ҳаммурапӣ инчунин барои домодшаванда низ ҷавобгариро муқаррар намудааст. Масалан, мутобиқи моддаи 159 чунин муқаррар карда шудааст, ки: «Агар шахсе, ки ба хонаи хусури худ қалинг оварда бошад пули харид додаю ба зани дигар никоҳ кунад ва ба хусураш гӯяд, ки «Ман духтари туро намегирам», пас падари духтар метавонад ҳамаи чизҳои овардаи ӯро гирад».

Зану шавҳар бояд муносибатҳои акди никоҳро риоя мекарданд. Зан – бояд вафодор ва садоқатро нигоҳ медошт. Мард – таъминкунандаи молу мулки хоҷагии хона ба ҳисоб мерафт. Новобаста аз оне, ки дар акди никоҳ зан на онқадар ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда наметавонист, лекин дар бастани шартномаи хаттӣ як чанд шарту шароит гузошта мешуд, ки ин барои муайян кардани вазъи ҳуқуқии зан дар оила аҳамияти бениҳоят калон дошт. Аз он ҷумла, зан агар дар ҳолати бемории вазнин қарор дошта бошад, мард наметавонист, ки оилаашро партофта равад. Дар баъзе ҳолатҳо қонунҳои Ҳаммурапӣ мақоми занро то як қадри имкон баланд бардоштааст. Ба ин мисол шуда метавонад, моддаи 138-и Қонунҳои Ҳаммурапӣ: - «Шахсе агар аз зани якум фарзандор нашуда бошад, партояд, пас бояд ба зан нуқра диҳад, ҳамчун пули харид, боз қалинг ва он чизе, ки аз хонаи падар овардааст, баъд метавонад аз ӯ равад». Қайд кардан бо маврид аст, паст будани мақоми зан аз нигоҳи Қонунҳои Ҳаммурапӣ на ба маънои як умра ғулом будани вайро дар назар дорад, балки аз ҷиҳати молу мулки ва дар интихоб кардани шавҳари худ мебошад. Аз мазмуни моддаи мазкур чунин бармеояд, ки ҳангоми талоқ додани зан, дар сурати бе ягон камбуди ё нуқсон, яъне дастгир накардани зан ҳангоми

ҳамхоба шудани вай бо шахси дигар, тӯҳмат кардани шавҳари худ, безурётии зан ё риоя накардани муносибатҳои оилавӣ  мард ӯҳдадор аст, ки ба зан нуқра ва он чизе, ки зан аз хонаи падараш оварда буд диҳад. Дар ин сурат мард метавонист, ки аз зан ҷудо шавад, лекин дар сурате, ки зан баръакс нисбати шавҳараш садоқат ва вафодори накунад, ба мард хиёнат карда ба хонаи шахси дигар зиндагӣ кардан хоҳад ва чӣ  гуна хоҳад нисбати мард ҳамон гуна рафтор кунад, дар ин ҳолат мард метавонист, ки занашро талоқ диҳад ва ҳангоми талоқ кардани зан ягон гуна пардохт надиҳад. Ва мард метавонист, ки озодона ба зани дигар ақди никоҳ бандад (моддаи 141). Дар сурате, ки зан аз кирдорҳои содирнамудаи худ пушаймон шуда ба хонаи шавҳараш бармегашт, дар ин ҳолат мард метавонист, ки занро  наҳамчун зани пешина, балки ҳамчун  ғулом қабул кунад. Дар баъзе моддаҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ ӯҳдадориҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки бевосита ба зан вобаста карда шудаанд. Аз  он ҷумла, дар моддаи 144 гуфта шудааст, ки: «Агар шахсе зани фарзанднамекардаро ба зани гирад, ин зан ба шавҳараш бояд ғуломзанеро диҳад, то ин ки фарзандор шаванд». Аз мазмуни моддаи мазкур чунин бар меояд, ки марде, ки бо зане, ки аз он фарзанд таваллуд намешавад, оила барпо кунад, дар ин сурат зан ӯҳдадор мешавад, ки ба шавҳари худ ғуломзанеро диҳад, то ки ба онҳо фарзанд таваллуд кунад. Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда гузаштем, ҳаёти инсон дар Бобулистони қадим пурра ҳисобида намешуд, то он даме, ки вай соҳиби зани хуб ва фарзандон намебуд. Дар сурате, ки мард бо каниз ё ғуломзан издивоҷ мекард ва аз он фарзанд таваллуд мешуд, набояд каниз ё ғуломзан худро бо зани мард баробар ҳисобад (моддаи 145).

Одатан мувофиқи қоидаи умумӣ дар он давра никоҳи моногамӣ буд. Муносибати волидайн ва фарзандон аз рӯи принсипи патриархалӣ, ки сардори яккаҳокимияти оила ба ҳисоб мерафтанд, амал мекарданд. Ҳуқуқҳои зан ва ё духтар дар оила на онқадар хуб эътироф карда мешуд. Аз он ҷумла, ҳангоми бастани шартномаи ақди никоҳ духтар ҳуқуқи

розигии худро доданро надошт. Ва ин ҳуқуқ танҳо ба падари духтар дода шуда буд. Дар дигар ҳолатҳо падар метавонист, ки барои писари худ завҷа интихоб намояд. Падар ҳуқуқ дошт, ки фарзанди худро аз оила бадарға намояд, яъне дар ҳолате, ки фарзанд нисбати падар рафтори бадахлоқона раво меҳисобид. Масалан, мутобиқи моддаи 195 чунин муқаррарот пешбини шуда буд: - «Агар фарзанд падари худро занад, пас бояд ангуштони вай бурида мешуд». Фарзанде, ки бори аввал чунин амалро содир мекард, дар ин сурат падар метавонист, ки онро бубахшад. Лекин дар сурати такроран содир кардани чунин кирдор падар метавонист, ки ин масъаларо ба тариқи суди ҳал намояд, яъне чӣ тавре ки дар боло қайд карда гузаштем. Бо ривоҷ ёфтани муносибатҳои оилавӣ дар Бобулистони қадим масъалаҳои гуногуни зиёде ба миён меомаданд. Яке аз ин масъалаҳо, ки бевосита қонунҳои Ҳаммурапӣ онро ба танзим даровара буд, ин ба фарзандхони қабул кардан буд. Албатта, фарзанд дар оила баъд аз падар дар Бобулистони қадим мақоми хосса дошт. Мардоне, ки соҳиби оила буданд, вале завҷаи онҳо фарзанд таваллуд карда наметавонист, мард метавонист, ки фарзандеро ба фарзандхони қабул кунад. Баъзе муносибатҳое, ки миёни падар ва фарзандхонд ба вуҷуд меомад, бартарият ба фарзандхонд дода мешуд. Масалан, мутобиқи моддаи 185 «Агар шахсе хурдсолеро ба писари қабул кунад ва ӯро ба воя расонад ва шахси ба воя расида нисбати ӯ беҳурмати кунад, пас ҳамин тарбияткунанда наметавонад баргашта ба суд талаб кунад». Аз мазмуни моддаи мазкур чунин бар меояд, ки фарзандхонд дар оилаҳои Бобулистони қадим бениҳоят мақоми хоссаро дошт. Ба ин гуфтаҳо асос шуда метавонад, моддаи 188, ки чунин муқаррарот пешбини шудааст: «Агар шахсе ё ҳунарманд хурдсолеро тарбия кунад ва ҳунармандии худро ба вай нишон диҳад  ва шахси ба воя расида нисбати ҳунарманд беҳурмати кунад,  пас ҳунарманд наметавонад баргашта ба суд талаб кунад». Дар баъзе ҳолатҳо нисбати фарзандхонд низ ҷавобгари пешбини карда шуда буд. Масалан,  мутобиқи моддаи 192-и

қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар фарзанди қабулкардаи хоҷасарой ё фарзанди қабулкардаи коҳина, падаре, ки ӯро калон кардааст ё модаре, ки ӯро калон кардааст, гӯяд, ки «Ту падари ман нести» ё «Ту модари ман нести», пас бояд забони вай бурида мешуд». Дар асоси моддаи мазкур чунин гуфтан мумкин аст, ки танҳо нисбати фарзандоне ҷавобгари пешбини шуда буд, ки онҳо нисбати шахсони мансабдор, аз он ҷумла хоҷасарой ва коҳина чунин амал мекарданд.

Муносибатҳои меросӣ аз рӯи принсипи оилаи ҷамъиятӣ сурат мегирифт. Аз нуқтаи назари баъзе ҳуқуқшиносон ва таърихшиносони рус васиятнома дар Бобулистони қадим эҳтимол роҳ дода намешуд, лекин маълум буд, ки тақсимоти моликият дар дохили оила сурат мегирифт: падар ба писар, модар ба духтар, домод ба арӯс ва ғайра. Тақсимоти мерос дар ҳуқуқи оилавии Бобулистони қадим тибқи қонунҳои Ҳаммурапӣ ба назар мерасад. Масалан, мутобиқи моддаи 170 – қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахсеро занаш соҳиби фарзанд шавад, ғуломзане низ аз ӯ фарзандор шавад ва падар дар зиндагии худ ба кудаконе, ки аз ғуломзан таваллуд шудаанд гӯяд; «Фарзандони ман» ба қатори фарзандони аз занаш буда ҳисобад, пас баъди оне, ки падар вафот мекунад, фарзандони занаш бо фарзандони аз гуломзан буда ҳамаи мероси аз падар мондаро баробар тақсим кунанд, меросхӯр писари занаш бояд аввал ҳиссаи худро ҷудо намуда гирад». Дар баъзе ҳолатҳо падар метавонист, ки фарзандони худро пеш аз вафоташ аз мерос маҳрум намояд. Ба ин асос шуда метавонад моддаи 171 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар падар дар вақти зинда будан ба кудакони аз ғуломзан буда, нагуяд, ки; «Фарзандони ман», пас баъди вафоти падар онҳо наметавонанд меросхӯр бошанд. Ғуломзан бо фарзандонаш бояд озод бошанд, кудакони аз занаш буда наметавонанд шикоят карда нисбати кудакони аз ғуломзан барои ғулом набудан. Занаш барои бепарасторӣ пул гирифта мероси шавҳарашро истифода бурда

метавонад, моликияташро то зинда будан, сарф карда метавонад, лекин наметавонад бо нуқра фурӯшад, чунки ба фарзандон тааллуқ доранд».

Хулоса, Қонунҳои Ҳаммурапӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Бобулистони қадим нақши бениҳоят калонро гузоштааст.

## *§2.3 Ҳуқуқи меҳнатӣ*

Инқилоби дуюми менеҷментро баъди ҳазор сол, ба давраи ҳукмронии шоҳи Бобул Ҳаммурапӣ (1792-1750 то милод) мансуб медонанд.[27] Дар замони ҳукмронии Ҳаммурапӣ, ки даврони зиёдеро дар бар мегирифт, одамон маҷбур шуданд, ки системаи идоравиро фикр карда бароянд. Маҳз дар ҳамин давра 285 қонуни идоракуни доираҳои гуногуни ҳаётиро қабул намуданд, ки нишонаи қимматноки ҳуқуқӣ ва давраи муайяни таърихи менеҷмент дар Шарқи Қадим мебошад. Бартарии ин давра дар он мебошад, ки аввалин маротиба системаи маъмурӣ пайдо гашт. Ин системаи маъмурӣ барои подшоҳони баъдина ҳамчун навоварӣ қабул карда мешуд. Ҳамин тариқ, бартарии давраи дуюми инкишофи таърихии менеҷмент дар он аст, ки аллакай системаи ташкил ва танзими муносибатҳои одамон пайдо гаштааст. Бинобар ҳамин, маълум мегардад, ки маҳз дар давраи 2-юми инкишофи Бобулистон, менеҷмент аллакай худро ҳамчун як шакли фаъолият ва соҳаи мустақил пайдо мекунад. Дар ин давра одамон маҷбур буданд, ки касбро бо тамоми нозукиҳояш омӯзанд ва ҳамчун мутахасиси соҳа-менеҷер баромад кунанд.

Фаъолияти асосии хоҷагидории Бобулистон заминдорӣ буд. Аз ин хотир қисмати бештари қонунҳои Ҳаммурапӣ ба масъалаи танзими замин бахшида шудаанд. Ба заминҳои шоҳу ибодатхонаҳо, ки 30-40% заминҳои корамро ташкил медоданд, таваҷҷӯҳи хос зоҳир мегардид. Дар аҳди ҳаммурапи амалияи тақсими ин заминҳои ба қитъаҳои хурд бо вогузории минбаъда барои хизмати (мушкенун, тамкар, редум, баирум) бо шароити муайян ё иҷора, ба ҳукми анъана даромада буд. Дар қонунҳои Ҳаммурапӣ ҳуқуқи шартномавӣ ба таври кофӣ вуҷуд дошт. Шартномаҳо дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ, бо иштироки шоҳидон баста мешуданд. Танҳо шахсони

**27. Ниг:** Ғаниев Таваралӣ Бобоевич Ғ-32 Менеҷмент. Иборат аз ду қисм. Қисми 1. – Душанбе: «Ирфон», 2004. – саҳ. 473

баробарҳуқуқ субъекти муомилот маҳсуб мегаштанд. Дар шартномаи меҳнатӣ, ки тибқи субъектони муомилот баста мешуд, музди меҳнат, намуди кор, ихтисос ва сифати кор ба инобат гирифта мешуданд. Масалан, мутобиқи моддаи 274 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар инсон кадомеро, ки ба иҷора мегирифт, ҳунарманд ё касе ки набошад , пас ҳар рӯз…

музди заминков 5 нуқра

музди дузанда 5 нуқра

музди сангтарош 5 нуқра

музди сохтмончи 5 нуқра

музди оҳангар 5 нуқра

музди дуредгар 5 нуқра

музди чармгар 5 нуқра медод.

## *§2.4 Ҳуқуқи ҷиноятӣ*

Масъалаи ҷиноят ва ҷинояткорӣ ҳанӯз аз давраи қадим мардумонро ба хиҷолат гузошта буд. Ва мардумон ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки тавассути роҳу усулҳои гуногун пеши ин гуна ҳолатҳои номатлубро гиранд. Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳар як давлат бо мурури замон ва пай дар пай инкишоф ёфтанаш, бо мақсади нигоҳ доштани сулҳу субот, эътироф ва ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҷиноят ва дар баробари он ҷазоро низ пешбини намудааст. Албатта, мавзӯи ҷиноят ва ҷазо дар Қонуни Ҳаммурапӣ яке аз мавзӯъҳои асосӣ ва муҳим мебошад. Бештари меъёрҳои Қонунҳои Ҳаммурапӣ муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бар мегирифтанд. Пеш аз оне, ки мо оид ба масоили ҷиноят ва ҷазо сухан ронем, қайд кардан бо маврид аст, ки кирдори ҷинояткорона дар меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ ба таври гуногун пешбини карда шудаанд. Чун қоида ба мо маълум аст, ки ҷиноят танҳо дар он сурат вуҷуд дошта метавонад, ки агар кирдор дар шакли ҳаракат ё беҳаракатие, ки зиддиҳуқуқӣ, ба ҷамъият хавфнок будани он ва гунаҳгорона ба муносибатҳои ҷамъияти таҷовуз карда, боиси ба миён омадани ҷавобгарӣ аз рӯи санади муайяни ҳуқуқӣ мегардад. Аз мафҳуми дода шуда маълум мегардад, ки ҷиноят аз якчанд элементҳои махсус иборат мебошад. Аз он ҷумла:

а. зиддиҳуқуқӣ будани кирдор;

б. ба ҷамъият хавфнок будани кирдор;

в. гунаҳгорона содир кардани кирдор;

г. ба миён омадани оқибати ҳуқуқӣ;

Аз таҳлили меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ чунин бармеояд, ки ҳамаи аломатҳои зикршуда мавҷуд буданд. Ба миён омадани оқибати ҳуқуқӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноят мебошад. Аломатҳои таркиби ҷиноят аз субъект, объект, тарафи субъективӣ ва тарафи объективӣ иборат мебошад. Субъекти ҷиноят аз рӯи меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ шахсе эътироф мешуд, ки дар вақти муайян

ҷиноят содир менамуд. Қайд кардан бо маврид аст, ки сини соли субъекти ҷиноят дар меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ пешбини нашудааст. Объекти ҷиноят ҳама гуна муносибатҳое, ки дар қонунҳои Ҳаммурапӣ пешбини карда шудаанд, баромад карда метавонанд. Тарафи субъективии ҷиноят аз рӯи таҳлили меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ дар ду шакл содир карда мешуд:

1. қасд;
2. беэҳтиётӣ;

Тарафи объективии ҷиноят дар содир кардани кирдорҳое, ки зидди қарори одилонаи суд, вайрон кардани ибодатхонаҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, қоидаҳои ҷарроҳӣ ва ғайра зоҳир мегардид. Воқеан, дар давраҳои таърихӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят, ҷазоро тавассути донишҳои ғайриақлӣ муносиб медонистанд. Масалан, шахсе агар ҷиноят содир мекард, онро ба пояш санг баста ба даруни об мепартофтанд. Агар шахс аз ин гуна вазъият раҳо меёфт, онро бегуноҳ меҳисобиданд. Ҳамин гуна ҳолатҳоро бевосита дар моддаҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ дидан мумкин аст. Аз он ҷумла, дар моддаи 2-уми қонунҳои Ҳаммурапӣ қайд карда шудааст, ки: «Агар шахсе шахсеро дар содир кардани ҷодугарӣ гунаҳгор ҳисоб кунад ва инро исбот карда натавонад ва шахсе, ки дар содир кардани ҷодугарӣ гунаҳгор дониста шудааст, бояд ба соҳили дарё рафта худро мепартофт. Агар дарё онро барад, пас ошкоркунанда метавонист хонаи ӯро гирад, агар дарё ӯро набарад ва гуноҳашро тоза кунад, пас ҳамон шахсе, ки шахси дигарро дар ҷодугарӣ гунаҳгор ҳисобидааст, кушта шавад. Ва шахсе, ки дар об партофта шуда буд метавонист хонаи ошкоркунандаро гирад»[28].

Дар маъхазҳои таърихию ҳуқуқӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногун оид ба масоили эътироф кардани Қонунҳои Ҳаммурапӣ ҳамчун «Кодекси Ҳаммурапӣ» фикру ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Бархе аз

**28. Ниг:** Хрестоматия по Всеобщая история государства и права. Т. 1./ под. Ред. К.И. Батыра и Е.В. Поликарповой. – М.: Юристъ, 2007.- 392 с.

олимон ба монанди Н.А. Крашенинникова ва О.А. Жидков тарафдори эътироф кардани Қонунҳои Ҳаммурапӣ мебошанд. Олими дигар ба монанди Волков И.М. тарафдори Кодекси Ҳаммурапӣ мебошад. Дар ин радиф яке аз олимони тоҷик ва мутахасиси пешбари соҳаи ҳуқуқ С.Э. Баҳриддинов дар китоби худ «Криминология» Қонунҳои Ҳаммурапиро ҳамчун қонунгузории ҷиноятӣ эътироф намудааст. Қайд кардан бо маврид аст, ки Қонунҳои Ҳаммурапӣ дар заминаи қонунҳои Уруинимгини, Ур – Намму, Липит – Иштара ва Эшнунӣ қабул карда шудаанд. Бинобар ҳамин, дар маҷмӯъ онҳоро Қонунҳои Ҳаммурапӣ меноманд. Дар пешрафти муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бештари давлатҳо маълум буд, ки кодекс ин санади кодификатсияшуда мебошад. Истилоҳи кодификатсия бошад, ин маънои кодекссозӣ, яъне бо тартиби муайян даровардани конунҳои ҷорӣ мебошанд. Дигар ин, ки қонунҳои ҷорӣ муайянкунанда ва танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи Волков И.М. ва Баҳриддинов С.Э. рози шудан мумкин аст, зеро Қонунҳои Ҳаммурапӣ бо дарназардошти кодификатсия шудани якчанд қонунҳои ҷорӣ амали карда шудааст. Дигар ин, ки Қонунҳои Ҳаммурапӣ санади ҳуқуқӣ буда, татбиққкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Аз рӯи меъёрҳои Кодекси Ҳаммурапӣ чунин таснифбанди кардани ҷиноятҳоро пешбини кардан мумкин аст:

1. Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият;
2. Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ;
3. Ҷиноятҳо ба муқобили моликият;
4. Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон;

Дар бештари меъёрҳои Қонунҳои Ҳаммурапӣ, ки ба ҷиноят ва ҷазо бахшида шуда буд, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда ба чашм мерасид. Бевосита ин ҳолатҳоро дар моддаи 8-уми Қонунҳои Ҳаммурапӣ дидан мумкин аст, яъне дар он чунин зикр карда шудааст, ки: «Агар шахсе ё барзагов, ё гусфанд, ё буз, ё хуг, ё заврақ, ки ба ҳамин Худо ё ҳамин қаср

таалуқ дошта бошад, дуздад, пас ба андозаи 30-маротиба подош медиҳад, лекин агар ҳамин ба мушкенум таалуқ дошта бошад, вай метавонад ба андозаи 10-маротиба подош диҳад, агар дузд ҳеҷ чиз дода натавонад, пас вай бояд кушта шавад». Аз ҳамин хотир, ҳамаи инро ба назар гирифта дар Қонунҳои Ҳаммурапӣ дар якҷоягӣ таснифи ҷиноятҳоро пешбини кардан мумкин аст.

## ТАСНИФИ ҶИНОЯТҲО

***Нақшаи 1.***




***Куштор.*** Куштор яке аз ҷиноятҳои вазнинтарин ба ҳисоб мерафт. Масалан, мутобиқи моддаи 15-уми Қонуни Ҳаммурапӣ чунин зикр карда шудааст: «Агар инсон канизаки қасрро, ё канизакҳои қасрро, ё канизи мушкенумро, ё канизакҳои мушкенумро аз дарвозаи шаҳр бадарға кунад, пас вай бояд кушта мешуд».

***Маъюбкунӣ.*** Яке аз намудҳои ҷиноят муқобили шахсият ин маъюбкунӣ мебошад. Мутобиқи моддаи 153 чунин гуфта шудааст, ки: «Агар зане шавҳари худро хоҳиши куштан кунад, аз рӯи марди дигар, пас ин занро бояд занҷирбанд кунанд».

***Таҳқири лафзӣ.*** Таҳқири лафзӣ низ яке аз ҷиноятҳое мебошад, ки муқобили шахсият равона карда шудааст. Мувофиқи моддаи 3 «Агар шахсе дар кори суди ҳамчун шоҳид дар содир кардани ҷинояти шахсе

иштирок кунад ва суханони худро исбот карда натавонад, агар кори суди дар бораи ҳаёт бошад, пас бояд шоҳид кушта шавад».

***Таҳқири ҷисмонӣ.*** Мутобиқи моддаи 282 «Агар каниз ба хуҷаини худ гуяд, ки «Ту хуҷаини ман нести» пас вай канизи худро бояд нишон диҳад ва баъд хуҷаини вай метавонист гуши вайро бурад».

***Тӯҳмат.*** Тӯҳмат вобаста ба категорияи ҷиноят яке аз ҷиноятҳои вазнинтарин нисбати шахсият мебошад. Бештари меъёрҳои Қонунҳои Ҳаммурапиро муносибатҳое, ки ба тӯҳмат вобаста буданд, фаро мегирад, ки нисбати тӯҳмат ҷазоро дар намуди куштан татбиқ менамуданд. Аз ин лиҳоз, дар моддаи 11 чунин қайд шудааст, ки «Агар хуҷаини ашёи гумшуда шоҳидеро, ки дар бораи гум шудани ашёи вай медонист, намеовард, пас вай дуруғгӯй аст, тухмат кардан мешуд, он бояд кушта шавад».

***Нақшаи 2.***




***Монеъ шудан барои тадбиқи адолати судӣ.*** Вақте ки шоҳ Ҳаммурапӣ дар давлат адолатро барқарор намуд ва аҳолиро ба он ишора кард, ки ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад гӯяд, ки ман ҳуқуқи каси дигарро намедонам. Бинобар ҳамин, барои боз ҳам пойдор шудани адолати судӣ дар Бобулистон шоҳ Ҳаммурапӣ боби 1 – уми қонунҳои худро, ки «*Қоидаҳои умумӣ дар бораи қарори одилонаи суд*» ном дорад ба ин масъала бахшидааст. Аз ин лиҳоз, шахсе агар ба ҳамаи ин нигоҳ накарда барои тадбиқи адолати судӣ монеъ

шавад, пас ҷавобгариро ба миён меовард. Масалан, мутобиқи моддаи 13 қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шоҳиди ҳамин инсон дар наздики набошад, пас судя ба ӯ то ба онҷом расидани 6 моҳ мухлат медиҳад. Агар дар мухлати 6 моҳ вай шоҳиди худро наорад, пас вай дуруғгӯй аст ва барои дурӯғ гуфтанаш дар ҳамин кори судӣ бояд ҷазо мегирифт». Моҳияти таркиби моддаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбардониста шудааст, метавонист барои исботи бегуноҳии худ аз шоҳид истифода барад. Судя ӯҳдадор буд, ки мурофиаи судиро то 6 моҳ боз дорад. Ва ба шахси гумонбаршавандаи ҷиноят то 6 моҳ мӯҳлат дода мешуд, то ки шоҳиди худро ҷӯстуҷӯ карда ба мурофиаи судӣ оиди тадбиқи адолат ҳозир намояд. Дар сурате, ки аз ҷониби гумонбаршавандаи ҷиноят ошкор карда шавад, ки мақсад танҳо барои монеъ шудан барои тадбиқи адолати судӣ аст, пас гумонбаршавандаи ҷиноят бо ҷазо ҳукм карда мешуд.

***Додани нишондоди бардурӯғ дар суд.*** Яке аз намудҳои ҷиноятҳое, ки ба муқобили адолати судӣ равона шуда буданд, ин додани нишондоди бардурӯғ дар суд мебошад. Бинобар ҳамин, мутобиқи моддаи 3 қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахсе дар кори судӣ ҳамчун шоҳид дар содир кардани ҷинояти шахсе иштирок кунад ва суханони худро исбот карда натавонад, агар кори судӣ дар бораи ҳаёт бошад, пас бояд шоҳид кушта шавад». Мазмуни моддаи мазкур аз он гувоҳи медиҳад, ки ҳаёти инсон нисбат ба дигар арзишҳои инсонӣ волотар мебошад. Аз ин рӯ, додани нишондоди бардурӯг дар суд нисбати ашхосе, ки ҷиноят содир накардааст, ҳукми қатл пешбини карда шуда буд.

***Ғайриқонуни тағйир додани санади судӣ.*** Чун қоидаи анъанавӣ адолати судӣ аз ҷониби судяҳо тадбиқ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, вайрон кардани санади судӣ ва ғайриқонуни тағйир додани санадӣ судӣ ҳамчун ҷиноят ба муқобили адолати судӣ эътироф шуда буданд. Бо дар назардошти ин кирдорҳои ғайриқонунӣ дар моддаи 5 қонунҳои

Ҳаммурапӣ чунин муқаррарроти зерин пешбини карда шудааст: «Агар судя кори мурофиаи судиро дида бароянд, қарор қабул кунад, ҳуҷҷатҳоро тайёр кунад ва мӯҳр занад ва баъд қарори худро иваз намояд, пас бояд қарори иваз намудаи ҳамин судя фош карда шавад ва он бояд дар ҳамин кори суди 12- маротиба ба андозаи хурд изҳори даъво пул диҳад, инчунин бояд дар ҷаласаи суди аз мансабаш бардошта шавад ва на бояд бозгашта ояду ба кори суди судягӣ кунад».

***Нақшаи 3.***




***Дуздӣ.*** Бештари меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапиро ҷиноятҳо ба муқобили моликият дарбар мегиранд. Яке аз ҷиноятҳои маъмулан паҳнгаштае, ки ба моликият равона карда шуда буд, ин дуздӣ ба шумор мерафт. Дуздӣ дар давраи ҳукмронии Шоҳаншоҳи Бобул ҷинояти вазнин ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамин хотир, дар моддаи 6 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ чунин муқаррароте пешбини шудааст, ки: «Агар шахсе чизҳои ба Худо ё ибодатгоҳ мансуб бударо дуздад, пас ҳамон шахс бояд кушта шавад; инчунин шахсе, ки аз дасти дузд қабул кардааст бояд кушта шавад». Ҷиноятҳое, ки дар намуди дуздӣ содир карда мешуданд, бештари ҷазоҳои онҳо дар намуди ҳукми қатл тадбиқ карда мешуд.

***Ғоратгарӣ.*** Ғоратгарӣ дар радифи дуздӣ яке аз ҷиноятҳои молии вазнинтарин ба ҳисоб мерафт. Ва шахсоне, ки чунин ҷиноятҳоро содир

мекарданд, ҷазоҳои онҳо танҳо дар намуди ҳукми қатл тадбиқ карда мешуданд. Масалан, тибқи моддаи 22 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ чунин пешбини шудааст, ки: «Агар шахсе ғорат кунад ва баъд дастгир карда шавад, пас вай бояд кушта шавад». Агар ғоратгар дастгир карда намешуд, пас шахси ғораткардашуда бояд дар назди Худо ба ҳамаи он чизҳое, ки гумшудааст қасам мехурд, ҷамоат ва сардори ҷамоат бошад дар замин ва ҷое, ки ғоратгарӣ ба анҷом расидааст ва ба ҳамаи он чизҳое, ки ӯ гум кардааст, бояд подош медоданд. Ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки шахс барои фаъолияти пешбурди зиндагии худ мол ва дигар олотҳои истифодабариро ба иҷора мегирад. Дар ин сурат нисбати чунин ашёҳо ӯҳдадориро ба зимаи худ мегирифт. Ва дар сурати вайрон кардани қоидаи истифодабарӣ ё несту нобуд кардани он ҷавобгариро ба миён меовард. Қонунҳои Ҳаммурапӣ бо дар назардошти ҳамаи ҳолатҳои дар боло зикргардида чунин ҳолати истисноиро нисбати ҷабрдида пешбини мекунад. Масалан, мутобиқи моддаи 103 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар дар роҳ роҳзанҳо аз ӯ ҳамаи чизҳоеро, ки бурда истода буд, гиранд, пас шамалум бояд ба Худо қасам хурад ва аз ҷавобгарӣ озод мегардад».

***Зараррасонӣ ба амволи бегона.*** Албатта, ҳимояи чизу чора ва амвол аз замонҳои қадим вуҷуд дошт. Расонидани зарар ба амвол дар Бобулистон ҳамчун поймол кардани ҳуқуқ ба моликият ба ҳисоб рафта ҷиноят эътироф шуда буд. Аз ин лиҳоз, расонидани зарар ҳамчун ҷиноят ба се намуд ҷудо мешуд:

1. Зарари ҷисмонӣ;
2. Зарари маънавӣ;
3. Зарари моддӣ;

Ҳангоми гузаронидани маросимҳои динӣ шахсони номатлубе низ мавҷуд буданд, ки тартиботи маросими диниро вайрон карда ба шахсони дигар зарар мерасониданд. Масалан, мутобиқи моддаи 196 – и қонунҳои

Ҳаммурапӣ «Агар шахсе чашмони  кадомеро ё яке аз одамҳоро кӯр мекард, пас бояд чашмони вай кӯр карда мешуд».

Расонидани зарари маънавӣ дар назди омма ҳамчун вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ эътироф шуда буд. Масалан, мувофиқи моддаи 131 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахсе зани худро бо қасам сиёҳ кунад, лекин бо дигар мард будани занро ҳеч кас надида бошанд, пас он зан ба Худо қасам хурад ва метавонад ба хонаи худ баргардад».

Расонидани зарар ба моликият ҳамчун зарари моддӣ эътироф карда шуда буд. Масалан, тибқи моддаи 21 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахсе хонаро зада вайрон кунад, пас пеш аз хонаро вайрон кардан бояд вай кушта ва гӯр карда шавад».

***Нақшаи 4.***




***Зинокорӣ.*** Оила дар ҷамъияти Бобулистон ҳамчун як рукни муқаддасот ба ҳисоб мерафт. Ва ҳатто шахсоне, ки оила ва фарзанд надоштанд, ин гуна шахсонро одамони хушбахт ҳисоб намекарданд. Барпо кардани оила дар Бобулистон тавссути шартномаи никоҳ сурат мегирифт. Бинобар ҳамин, даст задан ба зинокорӣ ҳамчун ҷиноят ба муқобили оила эътироф шуда буд. Дар ин радиф қайд кардан ба маврид аст, ки новобаста аз оне, ки зан шавҳар дорад ё не ҳангоми таҷовуз кардан ба номуси зан ҷиноят ҳисобида мешуд. Ҳангоми мавҷуд будани шартномаи никоҳ боз

ҷинояти содиршударо ба ҳолатҳои вазнинкунанда пешбини менамуд. Ва як қатор моддаҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ ба муносибатҳои оилавӣ ва тадбиқи онҳо бахшида шудааст. Мутобиқи моддаи 129 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар зани шахсеро бо марди дигар дар ҷои хоб бинанд, бояд онҳоро ба об партоянд. Агар хуҷаини зан зиндагии занашро нигоҳ дорад, шоҳ низ зиндагии ғуломи худро нигоҳ медорад».

***Тӯҳмат дар таҷовуз ба номус.*** Анҷом додани таҷовуз ба номус нисбати зан ҷиноят эътироф карда шуда буд. Лекин шахсе, ки занро дар таҷовуз ба номус тӯҳмат мекард, онгоҳ ин кирдор низ ҷиноят ба ҳисоб мерафт. Масалан, мутобиқи моддаи 127 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахс ангушташро муқобили энтум ё зани шахсе, ки гуноҳашро исботкарда наметавонад, бардорад дар ин ҳолат ҳамин шахсро бо қарори суд нишонаи ғуломи мемонданд». Чунин кирдор агар аз ҷониби худи шавҳари зан анҷом дода мешуд, дар ин сурат зан бо исбот кардани гуноҳи худ ба хонаи шавҳараш бармегашт. Тибқи моддаи 131 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахсе зани худро бо қасам сиёҳ кунад, лекин бо дигар мард будани занро ҳеч кас надида бошанд, пас он зан ба Худо қасам хурад ва метавонад ба хонаи худ баргардад». Қонунҳои Ҳаммурапӣ баъзе ҳолатҳоеро пешбини менамояд, ки ҷиноят будани кирдори занро истисно мекунад. Масалан, мутобиқи моддаи 134 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар одамеро ба гарав гирифта бошанд ва дар хонаи ӯ ягон хел хӯрдани набошад, пас ин зан метавонад ба хонаи дигар дарояд, ин зан бегуноҳ аст». Дар натиҷаи запткориҳои дуру дароз шоҳ Ҳаммурапӣ ба якчанд муносибатҳое дучор гардид, ки танзими онҳо дар қонунҳо пешбини нашуда буданд. Яке аз муносибатҳо дар гарав гирифтани сарбозон ва дигар шахсони идоракунандаи давлатӣ зоҳир мегашт. Аз ин лиҳоз, шоҳ Ҳаммурапӣ барои оне, ки оилаҳои сарбозон ва шахсони идоракунандаи давлат ба корҳои зишту номатлуб машғул нашаванд, иҷозат дод, то ки онҳо боз оилаи нав барпо кунанд. Мувофиқи моддаи 135 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар

одамеро ба гарав гирифта баранд ва дар хонаи ӯ хурдание нест ва ин зан ба хонаи дигаре дарояд дар он хона зиндагӣ карда фарзандор шавад, баъди оне, ки корҳои шавҳараш нағз шавад, пас ин зан метавонад ба назди шавҳари пештарааш баргардад, чунки фарзандон аз паи падар мераванд». Дар ин радиф қайд кардан бо маврид аст, ки ин меъёр нисбати на ҳамаи занҳо тадбиқ карда мешуд. Чи тавре ки дар боло зикр карда шуд, ҳангоми бастани шартномаи никоҳ дар назди зан як қатор ӯҳдадориҳо гузошта мешуданд. Аз рӯи ӯҳдадориҳо зан бояд вафодор ва садоқатро нигоҳ медошт. Бинобар ҳамин, агар зан боақл набошад ва аз хона равад, хонаи худро истисмор кунад, пас ин занро метавонанд ба об партоянд (моддаи 143).

***Вайрон кардани қарзи фарзандӣ.*** Аз таҳлили меъёрҳои қонунҳои Ҳаммурапӣ маълум мешавад, ки дар ҷамъияти Бобулистон баъзе ашхосе низ буданд, ки бо сабаби бемории безурёти фарзанд таваллуд намекарданд. Чи тавре, ки маълум аст, нисбати фарзандон ӯҳдадориҳои махсус вогузошта шуда буданд, ки иҷрои онҳо ҳатми буданд. Дар сурати иҷро накардани қарзи фарзандӣ ҷавобгарӣ ба миён меомад. То ҳоло низ дар қонунгузории ҳозираамалкунанда дар сурати иҷро накардани қарзи фарзандӣ нисбати падару модар ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини шудааст. Мутобиқи моддаи 192 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар фарзанди қабулкардаи хоҷасарой ё фарзанди қабулкардаи коҳина, падаре, ки ӯро калон кардааст ё модаре, ки ӯро калон кардааст, гӯяд, ки «Ту падари ман нести» ё «Ту модари ман нести», пас бояд забони вай бурида мешуд». Ҳангоми анҷом додани кирдори зишт нисбати падар ҷавобгарии ҷисмонии сахт пешби-



ни карда шуда буд. Фарзанде, ки нисбати падару модари худ чунин кирдорҳоро муносиб медонист, ҷазои чунин фарзандро дар назди аҳоли тадбиқ менамуданд. То ки фарзандони дигар нисбати падару модари худ чунин кирдорҳоро анҷом надиҳанд. Масалан, тибқи моддаи 195 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар фарзанд падари худро занад, пас бояд ангуштони вай бурида мешуд».

***Дуздидани кӯдак.*** Кӯдак (ноболиғ) давомдиҳандаи молу мулки падару модари худ ба ҳисоб мерафт. Дуздидани кӯдак низ ҷиноят ҳисобида мешуд, новобаста аз оне, ки дузд аз кадом табақаи аҳолӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамин хотир, дар моддаи 14 чунин қайд карда шудааст, ки: «Агар инсон фарзанди хурдсоли инсони дигарро дуздад, пас вай бояд кушта шавад».

Қайд кардан ҷоиз аст, ки бештари ҷазоҳо аз рӯи усули «талион» - ҷуброн мувофиқи зарари расонидашуда муқаррар шуда буданд, яъне ин маънои онро дошт, ки шахсе агар шахси дигарро зарар мерасонид, шахси зарардида нисбати зарардода ҳамон гуна муносибат мекард. Ё ин ки бо истилоҳи русӣ «Ока за ока зуб за зуб» пешбини шуда буд[29]. Бинобар ҳамин, дар баробари низоми ҷиноятҳо инчунин, низоми ҷазоҳо низ пешбини шудааст.

---

**29. Ниг:** Н.А. Крашенинникова и О.А. Жидков**.** История государства и права зарубежных стран: учебник: в 2 т.– 3-е изд., перераб. и доп. – М. : Норма, 2008. – 720 с.

## НИЗОМИ ҶАЗОҲО

***Нақшаи 5.***




***Ба оташ партофтан.*** Тадбиқи ин ҷазо дар он давра як намуди ислоҳшавии одамон ба ҳисоб мерафт. Одатан шахсоне, ки ҷиноят ва дигар кирдорҳои зишту номатлубро анҷом медоданд, ҷазоҳои онҳо дар назди омма тадбиқ карда мешуданд. Ва аҳолии Бобулистон инро барои худ як намуди ислоҳшавии дигарон эътироф карда буданд. Яке аз ҷазоҳое, ки бениҳоят вазнин ба ҳисоб мерафт, ҳукми қатл буд. Ҳукми қатл танҳо дар сурати содир кардани ҷиноятҳои вазнин тадбиқ карда мешуд. Аммо баъзе ҳолатҳо ҳукми қатлро нисбати ҷиноятҳое, ки дараҷаи хавфнокиашон на он қадар вазнин буд, тадбиқ карда намешуд. Мутобиқи моддаи 25 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар дар хонаи шахсе сӯхтор бошад ва одаме сӯхторро хомӯш кунад ва ягон моли соҳиби хонаро аз худ кунад, пас бояд ин одамро дар ҳамон оташ партоянд».

Аз мазмуни моддаи мазкур чунин бармеояд, ки ҳангоми содир кардани ҷиноятҳо ба муқобили моликият низ ҳукми қатл таъин карда мешуд.

***Дар об гарқ намудан.*** Дар об ғарқ намудан худ як намуди исботи бегуноҳии шахс ба ҳисоб мерафт. Дар замони ҳукмронии шоҳ Ҳаммурапӣ чунин қоидае пешбини карда шуда буд, ки агар шахсеро дар содир кардани ҷиноят гумонбар меҳисобиданд, пас шахсро зарур буд, ки худро ба даруни

об партояд. Дар сурате, ки агар об шахсро ғарқ намекард, пас шахс бегуноҳ ҳисобида мешуд. Агар шахсро об ғарқ мекард, пас шахс ҳамчун ҷинояткор эътироф мешуд. Мутобиқи моддаи 143 «Агар зан боақл набошад ва аз хона равад, хонаи худро истисмор кунад, пас ин занро метавонанд ба об партоянд». Ин гуна ҷазоҳоро баъдтар дар сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқии дигар давлатҳо вохурдан мумкин аст. Масалан, дар Авесто, ки яке аз сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқӣ дар сарзамини таърихии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, чунин пешбини карда шуда буд, ки дар сурати набудани далелҳо додрас метавонист ба тариқи имтиҳони қазоӣ, ки дар шаклҳои бар оташ рафтан, даст ба равғани доғ ё оби ҷӯшомада задан ва ғайра амали мегашт, гузаронида мешуд.

***Дар мех овезон кардан.*** Барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ҷазоҳои вазнин пешбини шуда буданд. Яке аз ҷазоҳои вазнин ин дар мех овезон кардан буд. Таъин намудани ин гуна ҷазоҳо танҳо дар ҳолатҳои зарури иҷозат дода мешуданд. Бештари ҳамин гуна ҷазоҳо барои шоҳидии бардурӯғ додан ва дуздӣ пешбини шуда буд. Додани нишондоди бардурӯғ дар мурофиаи додгоҳӣ тибқи қонунҳои Ҳаммурапӣ яке аз ҷиноятҳои вазнин эътироф карда шудааст. Чунки дар мурофиаи додгоҳӣ сухан дар бораи ҳаёти шахс меравад ва нисбати шахс ҷазои муайян таъин карда мешавад. Бо дар назардошти ин гуна ҳолатҳо ҷазои ҷиноятҳое, ки бо додани нишондоди бардурӯғ алоқаманд мебошад, дар мех овезон кардан аст. Аҳамияти таъини чунин ҷазо дар ислоҳи шахсе, ки чунин кирдорро анҷом додаст, зоҳир мегардад. Бинобар ҳамин, ин гуна ҷазоҳо барои дигарон ҳамчун дарси ибратбахш ба ҳисоб мерафт.

*Нақшаи 6.*




***Буридани гӯш.*** Буридани гӯш одатан барои саркаши кардани шахс аз ӯҳдадории ба зимаи ӯ гузошта шуда раво дониста мешуд. Бинобар ҳамин, ин гуна ҷазоҳо барои на танҳо иҷро накардани ӯҳдадорӣ, инчунин барои саркаши кардан аз пардохти андоз ё расонидани зарар ва ғайраҳо таъин карда мешуд. Масалан, мувофиқи моддаи 205 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар канизи шахсе ба чеҳраи касе ё  яке аз одамон занад, пас бояд гуши вай бурида мешуд».

***Буридани забон.*** Чунин намуди ҷазо бештари вақт барои иҷро накардани қарзи фарзанди таъин карда мешуд. Масалан, мутобиқи моддаи 192 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар фарзанди қабулкардаи хоҷасарой ё фарзанди қабулкардаи коҳина, падаре, ки ӯро калон кардааст ё модаре, ки ӯро калон кардааст, гӯяд, ки «Ту падари ман нести» ё «Ту модари ман нести», пас бояд забони вай бурида мешуд».

***Буридани ангуштон.*** Ин намуди ҷазо низ дар сурати иҷро накардани ӯҳдадорӣ дар назди падару модар ё муносибати зишту номатлуб нисбати онҳо таъин карда мешуд. Бинобар ҳамин, мо аллакай дар хусуси буридани ангуштон дар мавзӯи ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон сухан ронда будем. Инчунин барои ҷиноятҳо ба муқобили моликият низ чунин намуди ҷазо таъин карда мешуд. Масалан, мутобиқи моддаи 253 – и қонунҳои Ҳаммурапӣ «Агар шахсе шахси дигарро барои хизмат дар

замини худ қабул мекард, ба вай бовари карда плуг[30] ва буққаҳоро медиҳад, барои шудгор намудани замин ва агар ин одам тухмиро дуздад ва тухмиро дар дасти ӯ бинанд, пас бояд ангуштони ӯро буранд».

***Буридани даст.*** Чунин намуди ҷазо одатан барои иҷрои номатлуби



корҳо таъин карда мешуданд. Масалан, агар сохтмончӣ ба шахсе хонаи бе сифат сохта диҳад, ки дар натиҷа хона вайрон шуда соҳиби ин хона ё фарзандаш вафот кунад, пас бояд дастони сохтмончиро буранд. Дар замони ҳукмронии шоҳони қадим барои содир кардани кирдори зиддиахлоқӣ буридани яке аз узвҳои бадан одат шуда буд. Бо буридани яке аз узвҳои бадан, аллакай ҷинояти содиршудаи шахс ба ҳисоб гирифта намешуд ва онро бегуноҳ меҳисобиданд. Агар назар афканем ба матни Қонунҳои Ҳаммурапӣ дар ҳол ҳис кардан мумкин аст, ки барои ҳар як амале, ки нисбати аъзои ҷамъият зараровар аст, ҷазо пешбини шудааст. Ва дар байни ин ҷазоҳо маъюбкунӣ мақоми зиёд дорад, чунки бисёр ҳолатҳоеро вохурдан мумкин аст, ки ҷиноятҳо аз ҷониби табақаи олимақом содир карда мешуданд. Аз ҳамин хотир, куштани табақаи олимақом ғайриимкон буд. Бинобар ҳамин, нисбати онҳо танҳо ҷуброн ё ин ки буридани яке аз узвҳои баданро раво медиданд. Ба ғайр аз ин боз дигар намуди ҷазоҳо низ мавҷуд буданд. Яке аз инҳо **аз ҷамоат рондан буд**. Ин гуна ҷазоҳо танҳо дар ҳолати расонидани зарар ба ҳамсоягони худ пешбини шуда буд. Масалан, шахсе агар барои замини худ дамба меандохт ва дамба аз ҳад зиёд шуда заминҳои корами ҳамсояро хароб мекард, ҷуброн дода мешуд, агар ҷуброн дода натавонад, пас аз ҷамоат ронда мешуд. Ҷаримабандӣ на танҳо барои расонидани зарар ба заминҳо, инчунин барои таҳқири лафзию ҷисмонӣ низ пешбини шуда буд.

---

**30**. Сипор, сипори пӯлодин

Фаъолияти асосии хоҷагидории Бобулистон заминдорӣ буд. Аз ҳамин хотир қисмати бештари моддаҳои Ҳаммурапӣ ба масъалаи танзими замин бахшида шудаанд.

Бурдани мурофиаи суди аз рӯи парвандаи граждании ва ҷиноятӣ одатан якхела ва бо шикояти шахси ҷабрдида оғоз карда мешуд. Таърихшиносон бар он ақидаанд, ки мурофиаи суди дар қасри шоҳ, ибодатгоҳҳое, ки дар назди аксҳои Худоҳо ва инчунин дар ҷое, ки худи ҷинояткор дастгир карда мешуд, гузаронида мешуданд. Ҳама гуна баррасии парвандаҳо дар доираи васеъ ва ҳаматарафа дида баромада мешуданд. Мурофиаи суди хосияти ба худ зӯрозмоиро дошт. Мурофиаи суди одатан аз гунаҳгор, гумонбаршуда, ҷавобгар, даъвогар, ҷабрдида ва шоҳидон иборат буд. Ҳангоми шоҳиди додан дар мурофиаи суди шахси гумонбаршударо барои исботи бегуноҳиаш дар об мепартофтанд ва ҳангоми зинда мондан ҳамчун шахси бегуноҳ эътироф карда мешуд. Дар баъзе ҳолатҳо шоҳид нақши муҳимро дошт. Масалан, агар даъвогар дар мурофиаи суди исбот карда наметавонист, суд даъвои онро эътироф намекард. Намуди асосии исбот кардан ин мурочиат кардан ба Худои худ буд. Яъне дар ин ҷо сухан дар бораи қасам ёд кардан дар назди суд мебошад. Пеш аз  ҳама исбот кардани гуноҳ хусусияти ордалӣ дорад. Дар як қатор ҳолатҳо дар мурофиаи суди шахси гунаҳгор дар парвандаи ҷиноятӣ ва ҷавобгар дар парвандаи граждании бояд назди суд қасам ёд мекарданд, то ки аз чавобгарӣ ё ӯҳдадорӣ озод карда шавад. Баъди ба охир расидани ҷараёни мурофиаи судӣ, суд қарор қабул мекард. Ва қарори суд ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ бо имзо ва мӯҳр тасдиқ карда мешуд. Дар ҳолате, ки суд ҳукмро барорад дигар ҳуқуқи қатъ кардан ё иваз кардани онро надорад. Дар сурати ҷой доштани чунин ҳолат суд ҷарима месупорад ва ҳатто аз курсии суди бадарға карда мешуд. Ва дигар ҳуқуқи ба чунин вазифа омаданро пайдо намекард.

## Хулоса

Омӯзиши маҷмӯи қонунҳои таърихию қадима, аз он ҷумла қонунҳои Ҳаммурапӣ дар замони ҳозира моҳияти худро гум накардаанд. Гарчанде, ки аз нигоҳи имрӯзаи ҳар як давлат Қонунҳои Ҳаммурапӣ на он қадар хуб эҷод карда шуда бошанд ҳам, лекин дар танзим ва ташаккули баъзе қонунгузориҳои давлатҳои имрӯза нақши худро гузоштааст. Лозим ба ёдоварист, ки эҷод кардани қонун дар ин ё он марҳилаи таърихии ҳар як давлат гувоҳи дар кадом сатҳ қарор доштани низоми идоракунӣ, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсонро нишон медиҳад. Ҷӣ қадар агар давлат дар қабули қонун бо мақсади дуруст ба роҳ мондани идоракунии ҷамъият, ҳимояи ҳуқуки инсон ва ҳифзу пос доштани арзишҳои фарҳангию тамаддунии хеш мустаҳкам бошад, базаи қонунгузории он ҳамон қадар низ мустаҳкам мегардад. Бинобар ҳамин, қонунҳои Ҳаммурапӣ дар он давра дар як сатҳи баланд қарор доштанд. Мустаҳкамият ва сиёсатмадории шоҳ Ҳаммурапӣ буд, ки идоракунии давлатӣ ба як низоми муътадил дароварда шуда, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Қонунҳои Ҳаммурапӣ бо як дараҷаи муайян ба танзим дароварда шуда буданд. Ҳангоми муваффақ шудан ба запткориҳояш шоҳ Ҳаммурапӣ зарурияти идора кардани давлатҳои запткардаашро ба миён гузошта қабули қонунҳои дурусту танзимкунандаро таҳия карда баромадааст.

Ҳангоми мутолиаи бисёре аз адабиётҳои таърихӣ – назариявӣ ва ҳуқуқӣ маълум гардид, ки то ба ҳанӯз бештари муҳақиқону донишмандон ва олимон барои тақвияти ин ё он мавзӯҳои алоҳидаи худ Қонунҳои Ҳаммурапиро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқии ҳифзкунандаи ҳуқуқи инсон ва яке аз аввалин қонунҳое, ки дар он меъёрҳои ахлоқию динӣ ба таври хуб дарҷ гардидаанд, арзёбӣ менамоянд. Далели гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бе ба инобат гирифтани арзишҳои таърихию ҳуқуқӣ хулосабарори кардани ин ёон ҳолат бе мантиқ мебошад.

Матни Қонунҳои Хаммурапӣ аз дебоча, 282 модда ва муқаррароти хотимавӣ иборат мебошад. Аз нуқтаи назари банда давлат бе қонун вуҷуд дошта наметавонад. Чунки ҳар як муносибате, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меояд маҳз тавассути қонун ба танзим даровarда мешавад. Таҷрибаи давлатдории Бобулистон дар қабули Қонунҳои Ҳаммурапӣ нақши бениҳоят калонро ишғол намудааст. Аз ин лиҳоз, Бобулистон низ яке аз давлатҳои аввалине мебошад, ки тавассути сарчашмаҳои ҳуқуқии худ муносибатҳои ҷамъиятии дохилии худро ба танзим даровардааст. Ва яке аз ин сарчашмаҳои асосии таърихию ҳуқуқии ин давлат «Қонунҳои Ҳаммурапӣ» ба ҳисоб меравад. Қонунҳои Ҳаммурапӣ яке аз маъмултарин ва куҳантарин қонун дар таърихи ҳуқуқ мебошад.

.

## МАТНИ ҚОНУНҲОИ ҲАММУРАПӢ

«Дар давлат ҳақиқат (адолат) бояд дурахшон бошад, то ки шахсони зидди қонун ва бадкорон нобуд карда шаванд, то ки шахсони зур ба шахсони нотавон зулм накунанд ва давлат бо озоди таъмин карда шавад».[31]

**Шоҳ Ҳаммурапӣ**

### *БОБИ 1*
### *Қоидаҳои умумӣ дар бораи қарори одилонаи суд*

***Моддаи 1.***

Агар инсон қасам хурад, ки шахсе дар содир кардани ҷинояти куштор гунаҳгор аст, лекин исбот карда натавонад, пас фошкунанда бояд кушта шавад.

***Моддаи 2.***

Агар шахсе шахсеро дар содир кардани ҷодугарӣ гунаҳгор ҳисоб кунад ва инро исбот карда натавонад ва шахсе, ки дар содир кардани ҷодугари гунаҳгор донista шудааст, бояд ба соҳили дарё рафта худро мепартофт. Агар дарё онро барад, пас ошкоркунанда метавонист хонаи ӯро гирад, агар дарё ӯро набарад ва гуноҳашро тоза кунад, пас ҳамон шахсе, ки шахси дигарро дар ҷодугарӣ гунаҳгор ҳисобидааст, кушта шавад. Ва шахсе, ки дар об партофта шуда буд метавонист хонаи ошкоркунандаро гирад.

---

**31. Ниг:** Омельченко О.А. Всеобщая история государства и права: учебник. В 2 т. Т. 1/О.А. Омельченко, - 4-е изд., испр. и доп. – М. : Эксмо, 2007.-стр 86.

***Моддаи 3.***

Агар шахсе  дар кори суди ҳамчун шоҳид дар содир кардани ҷинояти шахсе  иштирок кунад ва суханони худро исбот карда натавонад, агар кори суди дар бораи ҳаёт бошад, пас бояд шоҳид кушта шавад.

***Моддаи 4.***

Агар он дар кори суди иштирок карда бошад ва  дар бораи нон ё  нуқра ҳамчун шоҳид гувоҳ дода бошад, пас он бояд  дар ҳамин кори суди  ба ҷазо кашонида шавад.

***Моддаи 5.***

Агар судя кори мурофиаи судиро дида бараояд, қарор қабул кунад, ҳуҷҷатҳоро тайёр кунад ва муҳр занад ва баъд қарори худро иваз намояд, пас бояд қарори иваз намудаи ҳамин судя фош карда шавад ва он бояд дар ҳамин кори суди 12- маротиба ба андозаи хурд  изҳори даъво пул диҳад, инчунин бояд дар ҷаласаи суди аз мансабаш бардошта шавад ва на бояд бозгашта ояду ба кори суди судяги кунад.

## ***БОБИ 2***
## ***Қоидаҳои муҳофизаткунонии ибодатхонаҳои шахсӣ ва ибодатхонаҳои ҷамъиятӣ***

***Моддаи 6.***

Агар шахсе чизҳои ба Худо ё ибодатгоҳ мансуб бударо дуздад, пас ҳамон шахс бояд кушта шавад; инчунин шахсе, ки аз дасти дузд қабул кардааст бояд кушта шавад.

***Моддаи 7.***

Агар шахсе аз дасти шахси дигар ё аз дасти каниз фарзандашро бе шоҳиди ва бе шартнома харидори намояд ё барои муҳофизат кардани чӣ нукра, чӣ тилло, чӣ каниз, чӣ канизҳо, чӣ барзагов, чӣ сабзавот, чӣ бӯз ва ҳарчие, ки набошад, пас ин шахс дузд аст ва бояд он кушта шавад.

***Моддаи 8.***

Агар шахсе ё барзагов, ё гусфанд, ё буз, ё хуг, ё заврақ, ки ба ҳамин Худо ё ҳамин қаср таалуқ дошта бошад дуздад, пас ба андозаи 30-маротиба подош медиҳад, лекин агар ҳамин ба мушкенум таалуқ дошта бошад- вай метавонад ба андозаи 10-маротиба подош диҳад, агар дузд ҳеҷ чиз дода натавонад, пас вай бояд кушта шавад.

***Моддаи 9.***

Агар шахсе ашёи гумшудаи шахсеро дар дасти шахси дигар дастгир кунад ва ҳамон ашёи гумшуда, ки дар дасти шахси дастгиршуда мебошад, мегӯяд: ,,Молро ба ман фурушанда фурухтааст, ман молро дар ҳузури шоҳидон харидаам”, аммо хуҷаини ашёи гумшуда мегӯяд: ,,Ман шоҳидонеро медонам, ки дар бораи гум шудани ашёи ман медонанд”, пас харидор бояд ашёи фурӯхтаи ӯро, ки дар ҳузури шоҳидон харида буд ба назди фурушанда меовард, ҳамин тавр хуҷаини ашёи гумшуда шоҳиди худро, ки дар бораи ашёи гумшудаи ӯ медонист меовард. Судяҳо бояд кори онҳоро медид ва шоҳидон ҳангоми харидориро ба вуҷуд овардан ва шоҳидоне, ки дар бораи гумшудани ашё медонистанд, бояд дар назди Худо (Шоҳи Бобулистон ба мисли Фиръавн) ончие, ки медонистанд нақл мекарданд ва ҳамон вақт фурушанда дузд ҳисобида мешуд, вайро бояд мекуштанд, хуҷаини ашёи гумшуда бояд ашёи

гумшудаи худро мегирифт; харидор бояд бо муомилоти вай аз хонаи фурушанда нуқра мегирифт.

***Моддаи 10.***

Агар харидор моли гумшуда ва шоҳидро, яъне чизе ки аз фурушанда харидори намуда буд ба назди фурушанда наорад, ва хуҷаини мол шоҳидеро меовард, ки дар бораи гум шудани моли вай медонист, пас харидор дузд аст, он бояд кушта шавад; хуҷаини ашёи гумшуда бояд ашёи гумшудаи худро мегирифт.

***Моддаи 11.***

Агар хуҷаини ашёи гумшуда шоҳидеро, ки дар бораи гум шудани ашёи вай медонист, намеовард, пас вай дуруғгӯй аст, туҳмат кардан мешуд, он бояд кушта шавад.

***Моддаи 12.***

Агар фурушанда аз хонаи худ ашёи бегонаи мурдаро фурушад, пас харидор метавонад, дар ҳамин кори суди ба андозаи 5 маротиба изҳори даъво кунад.

***Моддаи 13.***

Агар шоҳиди ҳамин инсон дар наздики набошад, пас судя ба ӯ то ба онҷом расидани 6 моҳ муҳлат медиҳад. Агар дар мухлати 6 моҳ вай шоҳиди худро наорад, пас вай дуруғгуй аст ва барои дуруғ гуфтанаш дар ҳамин кори суди бояд ҷазо мегирифт.

***Моддаи 14.***

Агар инсон фарзанди хурдсоли инсони дигарро duzdad, пас вай бояд кушта шавад.

***Моддаи 15.***

Агар инсон канизаки қасрро, ё канизакҳои қасрро, ё канизи мушкенумро, ё канизакҳои мушкенумро аз дарвозаи шаҳр бадарға кунад, пас вай бояд кушта мешуд.

***Моддаи 16.***

Агар инсон дар хонаи худ каниз ва канизҳои ба қаср ё мушкенум тааллуқ доштаро рӯяки ром кунад ва вай барои даъват муноди пурсаду донад, пас хуҷаини хона бояд кушта шавад.

***Моддаи 17.***

Агар шахси ботамкин рӯяки будани каниз ё ғуломро дастгир кунад ва ба назди хуҷаини вай биёрад, пас хуҷаини каниз бояд ба вай 2 сикл нуқра медод. ( 1 сикл баробар ба 8,4 г нуқра иборат буд.)

***Моддаи 18.***

Агар ҳамин каниз хуҷаини худро писанд накунад, пас бояд вай ба қаср оварда мешуд ва кори вай таҳқиқ карда мешуд ва боз гардонда ба хуҷаинаш дода мешуд.

***Моддаи 19.***

Агар вай канизро дар хонаи худ нигоҳ дорад ва баъд каниз аз дасти вай дастгир карда шавад, пас ин гуна шахс бояд кушта мешуд.

***Моддаи 20.***

Агар каниз аз дасти дастгир шуда гурезад, пас ҳамин шахс бояд ба хуҷаини каниз саҷда мекард ва аз уҳдадори озод карда мешуд.

***Моддаи 21.***

Агар шахсе хонаро зада вайрон кунад, пас пеш аз хонаро вайрон кардан бояд вай кушта ва гур карда шавад. [32]

***Моддаи 22.***

Агар шахсе ғорат кунад ва баъд дастгир карда шавад, пас вай бояд кушта шавад.

***Моддаи 23.***

Агар ғоратгар дастгир карда намешуд, пас шахси ғораткарда шуда бояд дар назди Худо ба ҳамаи он чизҳое, ки гумшудааст қасам мехурд, ҷамоат ва сардори ҷамоат бошад дар замин ва ҷое, ки ғоратгари ба анҷом расидааст ва ба ҳамаи он чизҳое, ки ӯ гум кардааст, бояд подош медоданд.

***Моддаи 25.***

Агар дар хонаи шахсе сӯхтор бошад ва одаме сӯхторро хомӯш кунад ва ягон моли соҳиби хонаро аз худ кунад, пас бояд ин одамро дар ҳамон оташ партоянд.

**32**. Хона дар Бобулистон њамчун ќоида аз гилин сохта шуда буданд.

## *БОБИ 3*
## *Ҳимояи моликияте, ки аз ҷониби шоҳ барои хидматҳо қадрдони карда шуда буд*

***Моддаи 26.***

Агар афсар, ки онҳоро барои хизмат даъват кардаанд, аммо онҳо намераванд ё одамкуш қабул карда, ба ҷои худ равон мекунанд, пас бояд ин афсарро кушанд ва ин одамкушеро, ки қабул карда буданд метавонанд хонаи ӯро аз худ кунанд.

***Моддаи 27.***

Агар афсар дар вақти хизмат ба асир афтад ва баъди вай замини уро ба ягон кас медиҳанд ва он шахс камбудиҳои ӯро ислоҳ мекунад, баъди гашта омадани афсар метавонад замини худро гирад ва камбудиҳоро худаш ислоҳ кунад.

***Моддаи 28.***

Агар афсар дар вақти хизмат асир афтад, писари ӯ метавонад ҳамаи камбудиҳоро ислоҳ карда дар замини падараш кор кунад.

***Моддаи 30.***

Агар редум ё баирум[33] аз пушти заҳмат кашидан ӯҳдадории худро аз замин, боғ ва хона партояд ва ҳозир набошад ва баъд аз он шахси дигар замин , боғ ва хонаро ба муҳлати 3-сол ба уҳда гирад, пас агар вай гашта омада замин, боғ ва хонаро талаб кунад, бояд ба вай

---

33. **Редум ё баирум** -ҳарбиён, шахсони ҳарби ки дар дарбори шоҳ хизмат мекарданд ва барои иштирок замин ва дигар чизҳое, ки барои истифодабари буд мегирифтанд.

онҳоро надиҳанд. Шахсе, ки онҳоро гирифтааст ва уҳдадори дорад, худаш онҳоро нигоҳ мекунад.

***Моддаи 31.***

Агар он танҳо дар давоми як сол ҳозир набошад ва гашта ояд, пас бояд замин, боғ ва хонаро ба вай диҳад ва он худаш уҳдадориро давом медиҳад.

***Моддаи 34.***

Агар декум ё лубуттум[34] асбобу анҷоми рӯзғори редумаро гирад, редумро зарар расонад, редумаро ба иҷора диҳад ва дар суд редумро хиёнати сахт кунад ё туҳфае, ки ба редум шоҳ барои хизматҳояш дода буд ба худ гирад, пас ҳамин декум ё лубуттума бояд кушта шавад.

***Моддаи 35.***

Агар шахс аз редум ҳайвони чорпои калон ё хурд харидори намояд, ки онро ба редум шоҳ дода буд, пас вай нуқраи[35] худро гум мекард.

***Моддаи 36.***

Замин, боғ ва хонаи редум, баирум ё даромади овардашуда набояд бо нуқра дода шавад.

---

**34. Декум ё лубуттум**-уҳдадории дастаҷамъона дар хизмат

**35.** Арзиши қиматбаҳо дошта аз тарафи шоҳ барои хизматҳо дода мешуд ва он набояд фурухта мешуд.

***Моддаи 37.***

Агар шахсе замин, боғ ва хонаи редум, баирума ё даромади овардашударо харидори намояд, пас ҷадвалчаи вайро бояд шиканад ва инчунин нуқраи худро гум мекард. Замин, боғ ва хона ба хуҷаинаш баргардонида мешуд.

***Моддаи 40.***

Надитум[36], тамкар[37] ё дигар уҳдадории худро аз маҷбурият метавонад замини худро, боғи худро ва хонаи худро ба ивази нуқра диҳад. Харидор бояд вазифаи худро, ки ба замин, боғ ё хона алоқаманд аст, харидори намудааст иҷро намояд.

## ***БОБИ 4***
## ***Амволи ғайриманқул ва ҳимояи он аз суиқасди ғайриқонунии бегонагон***

***Моддаи 42.***

Агар шахсе заминро барои иҷора коркардан гирад ва дар он гандум наруяд, пас вай бояд кори ҳалол накардаи худро фош кунад ва он бояд ба хуҷаини замин гандум диҳад, ҳамчун ҳамсояи худ.

***Моддаи 43.***

Агар вай заминро шудгор накунад ва онро партояд, пас вай бояд ба хуҷаини замин гандум диҳад, ҳамчун ҳамсояи худ ва замине, ки ӯ партофта буд бояд шудгор кунад, мола кунад ва ба хуҷаини замин гардонад.

**36.** Коҳина
**37**. Қарздиҳанда

***Моддаи 45.***

Агар шахсе замини худро ба деҳқон ба иҷораи пули диҳад ва аз замини худ иҷораи пулиро гирад, аммо баъд Худои азим заминро оташ гардонад ё даравро обхези гирифта барад, пас зарар танҳо ба деҳқон меафтад.

***Моддаи 46.***

Агар вай иҷора пулиро нагирад ё заминро ду тақсим ё се тақсим кунад, пас шахсони дар замини гандум қарор дошта деҳқон ва хуҷаини замин бояд ҳиссаи худро мувофиқи шартнома тақсим карда гиранд.

***Моддаи 48.***

Агар шахс барои худ фоизи қарз гирад, вале Худои азим замини вайро оташ гардонад ё даравро обхези гирифта барад ё заминро хушк кунад, ки дар замин гандум наруяд, пас вай метавонад дар ҳамин сол ба қарздиҳандаи худ гандум надиҳад ва шартномаи худро бекор кунад, инчунин метавонад фоизҳоро дар ҳамин сол надиҳад.

***Моддаи 50.***

Агар он шахс барои қарзи худ замини коридаи гандум ё кунҷидро бо ҳосилаш диҳад, пас шахси дар замини гандум ё кунҷид қарор дошта бояд танҳо хуҷаини замин гирад ва бояд нуқраро ва фоизҳоро ба қарздиҳанда гардонад.

***Моддаи 51.***

Агар ӯ нуқра надошта бошад, барои баргардонидани қарз, пас вай метавонад ба қарздиҳанда дар ҷои нархи нуқра (гандум ё)

кунҷид диҳад, инчунин бо ҷои фоизе, ки аз қарздиҳанда гирифта буд, бо ризояти қарори шоҳӣ[38].

***Моддаи 52.***

Агар деҳқон дар замин гандум ё кунҷид наруёнад, пас ин на бояд шартномаи вайро иваз намояд.

***Моддаи 53.***

Агар шахс барои обёри кардани замини худ дамба созад, аммо дамбааш мустаҳкам набошад ва дар натиҷа дамбааш кушода шуда, заминҳои корами ҷамъиятиро зери об монда, ба зироати коридаи онҳо зарар расонад, пас барои зарари расонидааш мебоист гандум пардохт кунад.

***Моддаи 54.***

Агар шахс ба ҷамъият зарари иқтисодӣ расонад ва гандум надошта бошад, пас аз ҳисоби моликияти шахсиаш ба осебдидагон нуқра медиҳад ва аъзоёни ҷамъият моликияти ба дастовардаашонро байни худ тақсим мекунанд.

***Моддаи 60.***

Агар шахс барои боғбон замин диҳад ва боғбон дар он дарахт ва дигар намуди зироатҳо шинонад то давоми 4 сол ҳосилро ба худ мегирад, яъне соли 5-ум боғбон уҳдадор мешавад, ки қисми ҳосилашро ба соҳиби замин диҳад.

---

**38.** 20%-и солона барои маблағи нуқра ва 33 1/3% барои гандуми работча.

## *БОБИ 5*
## *Муносибатҳои тиҷоратӣ ва алоқамандии амали ғайриқонунӣ бо тиҷорат*

***Моддаи 78.***

Агар соҳибхона хонаашро ба шахси дигар то муҳлати муайян барои истиқомат супорад ва пеш аз муҳлат ӯро аз хона пеш кунад, пас аз нуқрае, ки ба ӯ истиқоматкунанда бояд медод, маҳрум мегардад.

***Моддаи 89.***

Агар тамкар бо фоиз гандум ё ин ки нуқра қарз диҳад, пас метавонад сари ҳар 1 тонна 100кг гандум гирад, агар нуқра дода бошад, пас метавонад аз 1кг нуқра 6 грамм ҳамчун фоиз гирад.

***Моддаи 99.***

Агар шахс ба шахси дигар нуқра дихад, ҳамчун дуст, пас даромад ва зарарро онҳо бояд дар назди Худоҳо тақсим кунанд.

***Моддаи 102.***

Агар тамкар ба шамалум[39] нуқраи бефоиз қарз диҳад, вале шамалум ҷое, ки меравад зарар бинад, пас вай бояд маблағи асосиро ба тамкар баргардонад.

***Моддаи 103.***

Агар дар роҳ роҳзанҳо аз ӯ ҳамаи чизҳоеро, ки бурда истода буд, гиранд, пас шамалум бояд ба Худо қасам хурад ва аз ҷавобгари озод мегардад.

---

**39.** Савдогари хурд

***Моддаи 106.***

Агар шамалум аз тамкар нуқра гирад ва дар назди ӯ рад кунад, пас тамкар метавонад дар назди Худо ва шоҳидон шамалумро фош намояд, барои гирифтани нуқра шамалум бояд ба тамкар нуқраи гирифтаашро се карата диҳад.

***Моддаи 107.***

Агар тамкар ягон чиз ба шамалум дода бошад ва шамалум баргардонад ба тамкар, вале тамкар рад кунад, бояд шамалум тамкарро дар назди Худо ва шоҳидон ифшо намояд ва тамкар бояд он чизе, ки аз шамалум гирифта буду барои гирифтанаш рад намуда буд, бояд ба шамалум ба ҳаҷми 6 карат баргардонад.

***Моддаи 109.***

Агар дар хонаи ҳимоятгар ҷиноятгорҳо маслиҳат намоянд ва ҳимоятгар онхоро дастгир накарда ба ҷавобгари накашад, пас ҳимоятгарро бояд кушанд.

***Моддаи 110.***

Агар надитум ё энтум[40], ки дар он хона зиндагӣ намекунад дарояд, барои нушидани май, пас бояд ин зани озодро сузонанд.

***Моддаи 113.***

Агар шахс ба шахси дигаре гандум ё нуқра қарз дода бошаду бе хабар аз соҳиби хона аз он ҷо гандум гирад, пас ин шахси қарздодаро ифшо намуда барои гирифтани гандум аз хонаи қарзгиранда ва метавон ҳамаи гандуме, ки қарз дода буд, аз даст диҳад.

---

**40**. Надитум ё энтум - Коҳина

***Моддаи 114.***

Агар шахсе аз шахси дигар гандум ё нуқра қарздор нест ва он шахс гаравгирифташудаи ӯро нигоҳ дорад, пас барои ҳар як гаравгирифташуда, бояд 1/3 кг нуқра баркашад.

***Моддаи 115.***

Агар шахс аз болои шахс қарз дошта бошад, агар онро бо хоҳиши худ гарав гирад, рафту гаравгон дар хонаи шахси гаравгирифта ҳалок гардад, ин барои шикоят асос нест.

***Моддаи 116.***

Агар гаравгон дар хонаи гаравгиранда аз задан мемирад, пас соҳиби гаравгон метавонад тамкарро фош намояд; агар шахси гарав гирифтааш писари гаравгиранда бошад, пас бояд писари гаравгирандаро кушад, агар ғуломаш бошад, бояд 1/3 баробар нуқра баркашад ва он қарзи додаашро низ аз даст медиҳад.

***Моддаи 117.***

Агар шахсе қарздор аст, метавонад бо нуқра ё ба хонаи қарз зан, писар ё духтарашро диҳад ва онҳо бояд дар он хонаи харидор ба муҳлати 3 сол хизмат намуда, дар соли чаҳорум бояд озод карда шаванд.

***Моддаи 119.***

Агар шахси қарздор ба ҷои нуқра ғуломзани худро диҳад, ки кудак кунад, пас соҳиби ғулом метавонад баробари нуқраи додаи тамкар нуқра баркашад ва ғуломи худро бихарад.

***Моддаи 120.***

Агар шахс гандуми худро дар хонаи шахси дигар монад ва дар амбори гандум нигоҳ дорад, рафту соҳиби гандум дар вақти аз назаргузаронӣ камомади гандуми худро мушоҳида кунад ё ин ки соҳиби хона аз пеши худ амборро кушода, гандумро гирад ё ин ки гандум пошида бошад, соҳиби гандум дар назди Худо аз номи нон қасам хурад, пас соҳиби хона бояд нонро ду баробар гардонад.

***Моддаи 122.***

Агар шахс барои нигоҳдории ҷавоҳирот, нуқра, тилло ва ғайра, бояд дар ҳузури шоҳидон чӣ қадар он медиҳад ва ба ҳамон шахс шартнома мебандад, баъди ин тилло ё нуқраашро барои нигоҳ доштан медиҳад.

***Моддаи 124.***

Агар шахс барои нигоҳдории нуқра ё тилло, ки бе иштироки шоҳидон ба шахс дода бошад ва дар вақти талабот одам аз гирифтани нуқра ё тилло саркаши кунад ва дар вақти далелҳои пешниҳод карда, шахс иқрор шавад бояд, ки тилло ё нуқраи вайро ду баробар баргардонад.

***Моддаи 126.***

Агар шахсе, ки ҳеҷ чизаш гум нашудааст, гӯяд: «Аз ман чизе гум шудааст» ва ҳамсояҳоро таъбашонро хира кунад, пас ҳамсояҳо бояд бо номи Худо қасам диҳанд, ки дар ҳақиқат ягон чизаш гум нашудааст, шахс дар ҳамин ҳолат бояд ба ҳамсояҳо он чизе талаб кардааст, ду баробар баргардонад.

## *БОБИ 6*
## *Ҳуқуқҳои оилавӣ*

***Моддаи 127.***

Агар шахс ангушташро муқобили энтум ё зани шахсе, ки гуноҳашро исботкарда наметавонад, бардорад дар ин ҳолат ҳамин шахсро бо қарори суд нишонаи ғуломи мемонданд.

***Моддаи 128.***

Агар шахс зан гирад ва шартномаи никоҳ надошта бошанд, пас ин зан - зан нест.

***Моддаи 129.***

Агар зани шахсеро бо марди дигар дар ҷои хоб бинанд, бояд онҳоро ба об партоянд. Агар хуҷаини зан зиндагии занашро нигоҳ дорад, шоҳ низ зиндагии ғуломи худро нигоҳ медорад.

***Моддаи 131.***

Агар шахсе зани худро бо қасам сиёҳ кунад, лекин бо дигар мард будани занро ҳеч кас надида бошанд, пас он зан ба Худо қасам хурад ва метавонад ба хонаи худ баргардад.

***Моддаи 132.***

Агар ба сӯи зани шахсе бо ангушт нишон дода гӯяд, ки бо марди дигар буд, лекин бо марди дигар буданашро ҳеҷ кас надида бошад, пас барои шавҳари худ бояд худро ба дарё партояд.

***Моддаи 134.***

Агар одамеро ба гарав гирифта бошанд ва дар хонаи ӯ ягон хел хурдани набошад, пас ин зан метавонад ба хонаи дигар дарояд, ин зан бегуноҳ аст.

***Моддаи 135.***

Агар одамеро ба гарав гирифта баранд ва дар хонаи ӯ хурдание нест ва ин зан ба хонаи дигаре дарояд дар он хона зиндагӣ карда фарзандор шавад, баъди оне, ки корҳои шавҳараш, нағз шавад, пас ин зан метавонад ба назди шавҳари пештарааш баргардад, чунки фарзандон аз паи падар мераванд.

***Моддаи 138.***

Шахсе агар аз зани якум фарзандор нашуда бошад, партояд, пас бояд ба зан нуқра диҳад, ҳамчун пули харид, боз қалинг ва он чизе, ки аз хонаи падар овардааст, баъд метавонад аз ӯ равад.

***Моддаи 141.***

Агар зани шахсе, ки дар хонаи дигар шахс зиндагӣ мекунад, мехоҳад аз шавҳар равад ва чӣ хеле хоҳад ҳамон хел рафтор кунад, хонаи худро ба истисмор диҳад, шавҳарашро шарманда кунад, пас ӯро бояд фош кунанд, ва агар шавҳараш уро партофта хоҳад –мард метавонад партояд ва дар вақти талоқ ягон намуди пардохт надиҳад. Агар шавҳараш ӯро партояд, пас метавонад зани дигар гирад, ин зан дар хонаи шавҳараш метавонад зиндагӣ кунад ҳамчун ғулом.

***Моддаи 142.***

Агар зан шавҳари худро бад бинад ва гӯяд: «Маро нарас», пас кори уро дар назди ҳамсояҳо бинанд. Агар зан боақл ва беайб бошад, шавҳараш аз хона баромада уро шарманда кунад, пас ин зан бегуноҳ аст, зан метавонад қалинги худро гирифта ба хонаи падараш равад.

***Моддаи 143.***

Агар зан боақл набошад ва аз хона равад, хонаи худро истисмор кунад, пас ин занро метавонанд ба об партоянд.

***Моддаи 144.***

Агар шахсе зани фарзанднамекардаро ба зани гирад, ин зан ба шавҳараш бояд ғуломзанеро диҳад, то ин ки фарзандор шаванд, ин шахс хоҳиши гирифтани канизро кунад, бояд ба ин шахс нагузоранд, ки каниз гиранд.

***Моддаи 145.***

Агар шахсе зани фарзанднамекардаро ба зани гирад, ин зан нагузорад, ки зани дигар аз шавҳараш фарзандор шавад ва мард хоҳиши каниз гирифтанро дошта бошад, пас ин шахс метавонад каниз гирад ва ба хонаи худ барад, вале ин каниз набояд худро бо зани мард баробар ҳисобад.

***Моддаи 146.***

Агар шахсе зани фарзанднамекардаро ба зани гирад, зан ба шавҳараш ғуломзанеро диҳад ва ӯ фарзанд таваллуд кунад ва агар ин ғуломзан худро барои фарзанд кардан худро бо зани мард баробар

ҳисобад, пас ин зан метавонад ғуломзанеро бо нуқра нафурушад ва нишонаи ғуломи зада, мисли дигар ғуломон ҳисобад.

***Моддаи 150.***

Агар шахсе бо зани худ замин, боғ ё ягон моликиятро ҳуҷҷатгузори ва мухргузори карда тақдим кунад, баъди вафоти мард фарзандон аз ин зан чизе талаб карда наметавонад, модар метавонад ягон чизи мондаро ба писари дӯстдораш диҳад, бародаронаш талаб карда наметавонанд.

***Моддаи 153.***

Агар зане шавҳари худро хоҳиши куштан кунад аз рӯи марди дигар, пас ин занро бояд занҷирбанд кунанд.

***Моддаи 159.***

Агар шахсе, ки ба хонаи хусури худ қалинг оварда бошад пули харид додаю ба зани дигар нигоҳ кунад ва ба хусураш гӯяд, ки « Ман духтари туро намегирам», пас падари духтар метавонад ҳамаи чизҳои овардаи уро гирад.

***Моддаи 160.***

Агар шахсе ба хонаи хусураш қалинг оварда, пули харид диҳад ва падари духтар гӯяд, ки: «Ман духтарамро ба ту намедиҳам», пас ҳамаи чизи овардаи ӯро ду баробар гардонида медиҳад.

***Моддаи 162.***

Агар шахсе барои худ зан мегирад, зан барои ӯ фарзанд таваллуд мекунад ва сипас зан мемирад, пас падари ӯ аз рӯи ягон моли

дода шикоят карда наметавонад, чунки ҳамаи моликияташ ба фарзандонаш таалуқ дорад.

***Моддаи 163.***

Агар шахсе зан гирад ва ӯ намехоҳад фарзандор шавад ва ин зан бимирад, пас агар хусураш ҳамаи моли додаро гирад, шавҳари зан ягон шикоят карда наметавонад, барои ин, ки ҳамаи моли додааш ба хонаи падари занаш таалук дорад.

***Моддаи 165.***

Агар шахсе ба меросхури худ замин, боғ ё хона тақдим мекунад бо ҳуҷҷату муҳраш, пас баъди мурдани падар, вақте ки бародарон меросро тақсим мекунанд, вай бояд тухфаи падарашро гирад, ғайр аз ин мероси мондаро бо бародаронаш баробар тақсим мекунанд.

***Моддаи 166.***

Агар шахсе барои ду фарзандаш зан диҳад, ки онҳо доранд ва ба фарзанди сеюмаш надиҳад, пас баъди вафоти падар, вақте ки меросро тақсим мекунанд бояд ба фарзанди сеюм, ки зан надорад, ҳаққи зангириро бо нуқра ҳисоб карда диҳанд.

***Моддаи 167.***

Агар шахсе зан гирад ва ӯ фарзандор шавад, занаш вафот кунад ва мард зани дигар гирад, ин зан ҳам фарзандор шавад баъди вафоти мард фарзандон на бояд худро аз тарафи модари тақсим кунанд, балки мероси модаронро якчоя карда, моли меросмондаи падарро тақсим кунанд.

***Моддаи 168.***

Агар шахсе писари худро пеш кардан хоҳад ва ба судяҳо гӯяд, ки: « Ман писари худамро пеш мекунам», пас судяҳо бояд парвандаи ӯро биомӯзанд ва агар писар ягон гуноҳи сахт накарда бошад, барои гирифтани мерос ва падар метавонад ӯро аз мерос маҳкум гардонад.

***Моддаи 169.***

Агар вай гуноҳи сахт карда бошад, нисбати гирифтани мерос, онҳо бояд дафъаи якум ӯро бахшанд, агар дафъаи дуюм гуноҳи сахт кунад, пас падар метавонад писарро аз мерос маҳкум гардонад.

***Моддаи 170.***

Агар шахсеро занаш соҳиби фарзанд шавад, ғуломзане низ аз ӯ фарзандор шавад ва падар дар зиндагии худ ба кудаконе, ки аз ғуломзан таваллуд шудаанд гӯяд; « Фарзандони ман» ба қатори фарзандони аз занаш буда ҳисобад, пас баъди оне, ки падар вафот мекунад, фарзандони занаш бо фарзандони аз гуломзан буда ҳамаи мероси аз падар мондаро баробар тақсим кунанд, меросхӯр писари занаш бояд аввал ҳиссаи худро ҷудо намуда гирад.

***Моддаи 171.***

Агар падар дар вақти зинда будан ба кудакони аз гуломзан буда, нагуяд, ки; «Фарзандони ман», пас баъди вафоти падар онҳо наметавонанд меросхур бошанд. Гуломзан бо фарзандонаш бояд озод бошанд, кудакони аз занаш буда наметавонанд шикоят карда нисбати кудакони аз гуломзан барои гулом набудан. Занаш барои бевагиаш пул гирифта мероси шавҳарашро истифода бурда метавонад, моликияташро

то зинда будан, сарф карда метавонад,лекин наметавонад бо нуқра фурушида, чунки ба фарзандон таалуқ дорад.

***Моддаи 175.***

Агар гуломи дарбор ё гуломи савдогаре духтари одамеро ба зани гирад ва ин духтар ба ӯ фарзанд таваллуд кунад, пас хоҷаи ғулом аз фарзандони ин зан шикоят карда наметавонад барои ғулом набуданд.

***Моддаи 176.***

Агар ғуломи дарбор ё гуломи савдогаре духтари одамеро ба зани гирад ин духтар аз хонаи падар бо калингу моли ба хонаи гулом дарояд, баъди якҷоя будан моликияти зиёде пайдо кунанд, баъди мурдани гулом он молу калинге, ки аз хонаи падар овардаро баргардода мегирад ва моли якҷоя ҷамъ кардаро тақсим мекунад нимашро зан ва моликият наоварда бошад, пас ҳамон моликияте, ки якҷоя ҷамъ кардаанд ду тақсим мекунад. Нимашро зан нимашро хоҷаи гулом мегирад.

***Моддаи 178.***

Агар энтум ё зикрум, ки падараш ба у калинг дода хуҷҷатгузори карда ва дар хуҷҷат навишта нашуда бошад, ки моли худро озод сарф кунад ва ба куҷое супорад, пас баъди вафоти падар баробдаронад метавонанд боғ, замини уро гиранд ва ба у ҳиссае ҷудо карда, бо равган, орд ва пашм диҳанд.У метавонад боғ ва замини додаи падараш додаро истифода барад то вақти зинда будан, бо нуқра фурушад ё иваз кардан хак надорад, мерос ба бародаронаш таалуқ дорад.

***Моддаи 179.***

Агар энтум, надитум ё зикрум, ки падараш ба у калинг бо хуҷҷат ва муҳргузори дода бошад ва дар хуҷҷат нависад, ки озодона сарфа кунад, пас баъди вафоти падар у метавонад моликиятаро ба куҷое супорад, озодона сарф кунад, бародаронаш аз у ягон чиз талаб карда наметавонанд.

***Моддаи 185.***

Агар шахсе хурдсолеро ба писари қабул кунад ва ӯро ба воя расонад ва шахси ба воя расида нисбати ӯ беҳурмати кунад, пас ҳамин тарбияткунанда наметавонад баргашта ба суд талаб кунад.

***Моддаи 188.***

Агар кадоме ё ҳунарманд хурдсолеро тарбия кунад ва ҳунармандии худро ба вай нишон диҳад ва шахси ба воя расида нисбати ҳунарманд беҳурмати кунад, пас вай наметавонад баргашта ба суд талаб кунад.

***Моддаи 189.***

Агар вай ҳунармандии худро нишон надиҳад, пас тарбиятгиранда метавонад ба хонаи падари худ баргардад.

***Моддаи 190.***

Агар шахсе хурдсолеро, ки ба фарзандхони қабул карда буд ба воя расонад, лекин ӯро ба қатори фарзандони худ надарорад, пас ин тарбиятгиранда метавонад ба хонаи падари худ баргардад.

***Моддаи 192.***

Агар фарзанди қабулкардаи хоҷасарой ё фарзанди қабулкардаи коҳина, падаре, ки уро калон кардааст ё модаре, ки уро калон кардааст, гӯяд, ки «Ту падари ман нести» ё «Ту модари ман нести», пас бояд забони вай бурида мешуд.

***Моддаи 195.***

Агар фарзанд падари худро занад, пас бояд ангуштони вай бурида мешуд.

## *БОБИ 7*
## *Ҷазоҳо барои вайрон кардани кирдорҳои ҷисмонӣ*

***Моддаи 196.***

Агар шахсе чашмони кадомеро ё яке аз одамҳоро кур мекард, пас бояд чашмони вай кур карда мешуд.

***Моддаи 197.***

Агар шахсе устухони бадани шахсеро мешикаст, пас бояд устухони бадани вай шикаста мешуд.

***Моддаи 198.***

Агар шахсе чашми мушкенумро кур мекард ё устухони бадани мушкенумро мешикаст, пас вай бояд 1 мину нуқра медод.

***Моддаи 199.***

Агар шахсе чашми ғуломи касеро кур мекард ё устухони вайро мешикаст, пас вай бояд нисфи маблағи харидаи уро медод.

***Моддаи 200.***

Агар шахсе дандони шахсеро шиканад, ки ба вай баробар аст, пас бояд дандони вай шикаста мешуд.

***Моддаи 201.***

Агар шахсе дандони мушкенумро занад, пас вай бояд 1/3 мину нуқра баркашида медод.

***Моддаи 202.***

Агар шахсе ба чеҳраи шахси дигар, ки мақомаш аз он баланд аст занад, пас бояд дар маҷлис 60 маротиба бо қамчини муи чармин зада мешуд.

***Моддаи 203.***

Агар касе ё яке аз одамон ба чеҳраи касе ё яке аз одамони дигаре, ки ба ҳам мувофиқанд занад, пас вай бояд 1 мину нуқра баркашида медод.

***Моддаи 204.***

Агар мушкенум ба чеҳраи мушкенуми дигар занад, пас вай бояд 10 сиклей нуқра баркашида медод.

***Моддаи 205.***

Агар канизи шахсе ба чеҳраи касе ё  яке аз одамон занад, пас бояд гуши вай бурида мешуд.

***Моддаи 206.***

Агар шахсе шахси дигарро дар ҷанг занад ва ӯро зарар расонад, пас ин шахс бояд илтимос кунад, ки «Ман ӯро барқасд назадам» инчунин ба духтур барои муолиҷа пул диҳад.

***Моддаи 207.***

Агар вай аз шаттаи ҳамон шахс мурад, пас тоқаткунанда - касе ё яке аз одамони дигар бахшиш мепурсид, вай бояд 1/2 мини нуқра баркашида медод.

***Моддаи 208.***

Агар тоқаткунанда-касе ё яке аз одамони мушкенум бошад, пас вай бояд 1/3 мини нуқра баркашида медод.

***Моддаи 209.***

Агар шахсе духтари шахси дигарро занад ва натиҷааш боиси бачапартоии ӯ гардад, пас вай бояд ба зарари расонида 10 сиклей нуқра пул медод.

***Моддаи 210.***

Агар ҳамин зан бимирад, пас бояд духтари вай кушта шавад.

***Моддаи 211.***

Агар вай пай дар пай духтарони мушкенумро дар бачапартои таъсир расонад, пас вай бояд 5 сиклей нуқра баркашида медод.

***Моддаи 212.***

Агар ин занҳо бимиранд, пас вай бояд 1/2 ҳисса нуқра баркашида медод.

***Моддаи 213.***

Агар вай канизи шахсеро занад ва сабаби бачапартоии у гардад, пас вай бояд 2 сикле баркашида медод.

***Моддаи 214.***

Агар ин каниз бимирад, пас вай бояд 1/3 мини нуқра баркашида медод.

## *БОБИ 8*
### *Қоидаҳо дар бораи ҷарроҳӣ ва ҷавобгари барои вайрон кардани он*

***Моддаи 215.***

Агар духтур шахсеро бо корди биринҷи чоки вазнин кунад ва ҳамин шахсро сиҳат кунад ё гули чашми[41] шахсро бо корди биринҷи гирад ва чашми шахсро сиҳат кунад, пас вай бояд 10 сиклей нуқра мегирифт.

***Моддаи 216.***

Агар бемор- яке аз мушкенумҳо бошад, пас вай бояд 5 сиклей нуқра мегирифт.

***Моддаи 217.***

Агар бемор-канизи шахсе бошад, пас хуҷаини каниз бояд ба духтур 2 сикле нуқра медод.

---

**41**. Холи сафеде, ки ба чашм меафтад.

***Моддаи 218.***

Агар духтур шахсеро бо корди биринҷи ҷарроҳии вазнин кунад ва сабаби марги ҳамин шахс гардад ё гули чашми шахсро бо корди биринҷи гирад ва зиён расонад, пас бояд ангуштони вай бурида мешуд.

***Моддаи 219.***

Агар духтур канизи мушкенумро бо корди биринҷи чоки вазнин кунад ва сабаби марги ӯ гардад, пас вай бояд канизи худро ба ҷои канизи вай медод.

***Моддаи 220.***

Агар вай бо корди биринҷи гули чашми шахсеро гирад ва ба чашми ӯ зиён расонад, пас вай бояд нисфи нархи бо нуқра харидаи уро медод.

***Моддаи 221.***

Агар духтур устухони шикастаи шахсро пайванд кунад ё бемории варамро сиҳат кунад, пас бемор бояд ба духтур 5 сиклей нуқра медод.

***Моддаи 222.***

Агар бемор яке аз мушкенумҳо бошад, пас вай бояд 3 сиклей нуқра медод.

***Моддаи 223.***

Агар бемор канизи шахсе бошад, пас хуҷаини каниз бояд 2 сиклей нуқра медод.

***Моддаи 226.***

Агар сартарош бе шакку шубҳа хуҷаини канизро нишонаи канизиро тарошад на канизи ӯро, пас ҳамин сартарош бояд ангуштонаш бурида мешуд.

***Моддаи 227.***

Агар шахсе сартарошро фиреб дода гуломеро нишонаи гуломи зада, гуломи худ гардонад, пас ин шахсро кушта дар назди дарвозааш гуронанд; сартарош бояд касам хурад; «Ман надониста тарошидам» ва ӯ аз уҳдадори озод карда мешавад.

***Моддаи 228***.

Агар сохтмончӣ ба шахсе хона сохта ба анҷом расонда диҳад, пас вай бояд 2 сиклей нуқра туҳфа кунад, барои ҳар як сар[42] замини хона.

***Моддаи 229***.

Агар сохтмончӣ ба шахсе хонаи бе сифат сохта диҳад, ки ин хона вайрон шуда соҳиби ин хона вафот кунад, пас бояд ин сохтмончиро кушанд.

***Моддаи 230***.

Агар хона чаппа шуда писари ин хонадор вафот кунад, пас писари сохтмончиро кушанд.

---

**42**. Андозаи замин, ки баробар ба 35 м квадрати мебошад.

***Моддаи 231.***

Агар ғуломи ин хона вафот кунад, пас бояд ғуломи худро ба хонадор диҳад.

***Моддаи 232.***

Агар моликияти хонаро барбод диҳад, пас бояд ҳамаи моликиятро барқарор карда хонаи вайрон шударо аз нав бо пули худаш сохта диҳад.

***Моддаи 235.***

Агар киштисоз ба шахсе кишти сохта диҳад ва кори худро номустаҳкам карда бошад, ки ин кишти дар ҳамон сол об гузаронад ё ягон ноқисии дигар дошта бошад, пас ин киштисоз бояд киштии мустаҳками нав бо пули худаш сохта диҳад.

***Моддаи 237.***

Агар шахсе киштисоз ва киштиро иҷора гирад ва аз гандум, пашм, равған, меваги ва дигар маҳсулотҳо пур кунад, лекин ин киштисоз ҳамаи маҳсулоти дар кишти бударо таги об кунад ё барбод диҳад, пас он чизе, ки дар кишти буд, ҳамаашро киштисоз бармегардонад.

***Моддаи 244.***

Агар шахсе буққа ё харро иҷора гирад ва ӯро шер кушад, пас ҳамаи камбуди вогузори хучаини вай мегардад.

***Моддаи 245.***

Агар шахсе буққаро иҷора гирад ва аз задан ё аз беаҳамияти кушад, пас бояд ба соҳиби буққа буққаи дигар диҳад.

***Моддаи 246.***

Агар шахсе буққаро ба иҷора гирифта пояшро шиканад ё гарданашро хуншор кунад, пас бояд ба соҳиби буққа буқаи дигар медиҳад.

***Моддаи 249.***

Агар шахсе буққаро иҷора гирад ва ба хости Худо мирад, пас ин шахси иҷорагирифта ба Худо қасам хурда, худро озод аз гуноҳ кунад.

***Моддаи 250.***

Агар буққа дар кӯча ягон одамеро занад ва бимирад, ин боиси шикоят намешавад.

***Моддаи 251.***

Агар буққа шохзан бошад ва ҳамсояҳо гӯянд, ки шохзан аст ва соҳибаш шоххояшро намешиканад ва ин буққа писари ҳамсояро зада кушад, пас соҳиби буққа ба ӯ 1,2 мин нуқра медиҳад.

***Моддаи 252.***

Агар ғуломи он шахс мурдаги бошад, пас вай бояд 1,3 мин нуқра диҳад.

***Моддаи 253.***

Агар шахсе шахси дигарро барои хизмат дар замини худ қабул мекунад, ба вай бовари карда плуг[43] ва буққаҳоро медиҳад, барои шудгор намудани замин ва агар ин одам тухмиро дуздад ва тухмиро дар дасти ӯ бинанд, пас бояд ангуштони уро буранд.

---

**43**. Сипор, сипори пӯлодин

***Моддаи 255.***

Агар он шахс буққаҳоро гардонда диҳаду тухмиро duздида бошад, дар вақти гунучин ҳосил наруяд, пас ин одамро бояд фош карда ва дар вақти гунучини ҳосил барои 60 курра гандум 1 тонна гандум дихад.

***Моддаи 256.***

Агар вай дар ҳолатест, ки пардохт карда наметавонад ба он чизе ҷавобгар аст, пас бояд уро дар ҳамон замин бо буққаҳо пора кунанд.

***Моддаи 257.***

Агар шахсе заминдорро қабул кунад, пас ӯ бояд ҳар сол 8 курра гандум супорад.

***Моддаи 258.***

Агар шахсе буққаронро қабул кунад, пас ӯ бояд ҳар сол 6 курра гандум супорад.

***Моддаи 259.***

Агар шахсе югу испорро аз замини шудгор мекарда duздад, пас у бояд ба соҳиби югу испор 5 сиклей нуқра диҳад.

***Моддаи 265.***

Агар ба чӯпоне, ки моли майда ё калон додаанд барои чаронидан, вай ноҳақ рафтор карда, нишонаи дигар зада молро бо нуқра мефурӯшад, бояд ӯро фош кунанд ва ӯ бояд он моли калон ё майдаеро ки гирифтааст 10 баробар гардонида бо соҳиби мол диҳад.

***Моддаи 266.***

Агар дар вақти чаронидан ягон бемор шавад ё шер хӯрад, пас чӯпон бояд ба Худо қасам хурад ва соҳиби мол ӯро бахшад.

***Моддаи 273.***

Агар шахсе одамкушеро қабул кунад, пас бояд он шахс ба ӯ аз аввали сол то панҷ моҳ 6 ше нуқра дар як рӯз диҳад. Аз шашум моҳ сар карда то охири сол 5 ше нуқра дар як рӯз дихад.

***Моддаи 274.***

Агар инсон кадомеро, ки ба иҷора мегирифт, ҳунарманд ё касе ки набошад , пас ҳар рӯз…

музди заминков 5 нуқра

музди дузанда 5 нуқра

музди сангтарош 5 нуқра

музди сохтмончи 5 нуқра

музди оҳангар 5 нуқра

музди дуредгар 5 нуқра

музди чармгар 5 нуқра медод.

***Моддаи 278.***

Агар шахсе каниз ё ғуломеро харад ва аз байн як моҳ нагузашта, бемории саръ шавад, пас харидор метавонад ба фурушандаи худ баргардонад ва ин харидор нуқрае, ки дода буд мегирифт.

***Моддаи 279.***

Агар шахс каниз ё ғуломеро харад ва он даъво кунад, пас даъвои уро танҳо фурушанда ҷавоб мегуяд.

***Моддаи 282.***

Агар каниз ба хуҷаини худ гуяд, ки ,, Ту хуҷаини ман нести,, пас вай канизи худро бояд нишон диҳад ва баъд хуҷаини вай метавонист гӯши вайро бурад.

## *Рӯйхати адабиёти истифодабурдашуда*


1. Дьяконов И.М. Законы Вавилонии, Ассирии и Хеттского царства //Вестник древней истории.3.1952. История древнего Востока. 1/1. М., 1983;
2. Волков И.М. Законы вавилонского царя Хаммурапи.
3. Ғаниев Т. Б. Ғ-32 Менеҷмент. Иборат аз ду қисм. Қисми 1. – Душанбе: «Ирфон», 2004. – 473 саҳ.
4. Зиёев Т.Н., Шарипов Р.Я. Таърихи умумӣ: Таърихи асрҳои миёна. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Сарпараст», 2005.–288 саҳ.
5. Зокиров Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ. – Душанбе: «Истеъдод», 2010. – 392.
6. Крашенинниковой Н.А., Жидкова О.А. История государства и права зарубежных стран.Ч.1: учебник для вузов//под ред. проф. Крашенинниковой Н.А. и проф. О.А. Жидкова. Изд. НОРМА–ИНФРА. М.,1998.
7. Батыр К.И., Исаев И.А., Кнопов Г.С. История государства и права зарубежных стран: под ред. К.И.Батыра. 4-е изд., перераб . и доп. –М.: ТК Велби, изд-во проспект, 2007.-496.
8. История государства и права зарубежных стран: учебник: Том 1.-3-е изд: Древний мир и Средние века/ отв. ред. Н.А. Крашенинникова и О.А. Жидков. – М. : Норма, 2008. – 720 с.
9. Крохина Ю.А. Налоговое право: учебник – М.: Высшие образование, 2006. – 410 с.
10. Маҳмудов М.А., Раҳимов М.З. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ. «Маориф ва фарҳанг», Душанбе, - 2006, 200 саҳ. (дар мавзуи пайдоиши таърихии давлат).
11. Маҳмудов Маҳкам. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамсарон дар оила – Душанбе: ЭР – граф, 2003. 164 саҳ.

12. Омельченко О.А. Всеобщая история государства и права: учебник. В 2т. Т. 1/ Омельченко О.А. – 4-е изд., испр. и доп. – М. : Эксмо, 2007.- 592 с.
13. Ф. Т. Тоҳиров. Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷа. – Душанбе: «Эҷод», 2007. - 568 саҳ.
14. Хрестоматия по Всеобщая история государства и права. Т. 1./ под. Ред. К.И. Батыра и Е.В. Поликарповой. – М.: Юристъ, 2007.- 392 с.
15. English for law students. н.и.п. Афзали М.К., н.и.п Назарова З.А., Шоинбеков О. Нашриёт: ООО «Сармад – Компания», Душанбе, 2009. 154 ст.
16. Klengel H. Hammurapi von Babylon und seine Zeit. B., 1978; Driver G., Miles J.C. The Babylonian Laws. 1-2. Oxford, 1955-1956.
17. Раҳимов А., Расулов Қ. Асосҳои фалсафа. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2003. 352 саҳ.
18. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2. Душанбе, 654 саҳ.
19. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР – граф, 2011. – 460 саҳ.
20. Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2007. 92 саҳ.

## Ҷой барои қайд

**Қаҳҳоров Д.**

# ҚОНУНҲОИ ҲАММУРАПӢ

**Муҳаррири техникӣ**
**ва ҳуруфчин:** Қаҳҳоров Д.Ғ.